БАРНОМАИ РУШДИ
ИҚТИСОДИИ ДЕҲОТ
RURAL GROWTH PROGRAMME

Барномаи мазкур бо дастгирии техникии «Барномаи рушди иқтисодии деҳот», ки аз ҳисоби БР СММ, Ташкилоти ҳамкории байналмиллалии Олмон ва Департаменти Британияи Кабир оид ба рушди байналмиллалӣ маблағгузорӣ мегардад, таҳия шудааст.

*Арзиши БР-и ноҳия аз рӯйи бахшҳо дар давраи солхои 2011-2015*

| Соҳаҳо | Ҳамагӣ | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Блоки иқтисодиёт | 49420,5 | 6095,3 | 16078,8 | 11062 | 10826 | 5009 |
| Хоҷагии қишлоқ | 18632 | 575,6 | 541 | 3331 | 9576 | 4259 |
| • Саноат | 19436,5 | 4679,7 | 13556,8 | 1200 | | |
| • СХМ | 11352 | 840 | 1981 | 6531 | 1250 | 750 |
| Блоки иҷтимоиёт | 42229,1 | 8485,1 | 3470 | 13623 | 9955 | 6696 |
| • Маориф | 14722 | 60 | 1091 | 7175 | 4355 | 2041 |
| • Тандурустӣ | 26039,1 | 8415,1 | 2349 | 5830 | 5000 | 4445 |
| • Ҳифзи иҷтимоӣ, | 48 | - | 10 | 18 | 20 | |
| • Фарҳанг, фароғат ва варзиш | 1420 | 10,0 | 20,0 | 600,0 | 580,0 | 210,0 |
| Инфрасохтор | 63436 | 4190 | 20250 | 13646 | 12090 | 13160 |
| • Обтаъминкунӣ | 5609 | | 5609 | | | |
| • ХМК | 23102 | 50 | 600 | 2722 | 6930 | 12800 |
| • Нақлиёт ва коммуникатсия | 30585 | 4140 | 15510 | 5315 | 5160 | 360 |
| Барктаъминкуӣ | 4140 | | 4140 | | | |
| Бехатарии муҳити атроф ва ҲФ | 3295,0 | 190,0 | 400,0 | 580,0 | 1270,0 | 855,0 |
| Блоки идоракунӣ | 234 | 29 | 19 | 127 | 28 | 31 |
| Ҳамагӣ маблағи БР: | 158614,6 | 18989,4 | 40217,8 | 39038 | 34169 | 25751 |

*Арзиши БР аз рӯи сарчашмаҳои маблаггузорӣ*

| Сарчашма | Ҳамагӣ (ҳазор сомонӣ) | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Буҷети маҳаллӣ | 17368 | 1320 | 1320 | 1320 | 1320 | 1320 |
| Буҷети вилоятӣ | 7713 | 1928,25 | 1928,25 | 1928,25 | 1928,25 | 1928,25 |
| Буҷети ҷумҳуриявӣ | 875 | 200 | 200 | 200 | 200 | 200 |
| Инвеститсияи хориҷӣ | 34632 | 3706 | 3707 | 3707 | 3707 | 3707 |
| Маблағи аҳолӣ ва соҳибкорон | 89646,6 | 7966,15 | 29193,55 | 28012,75 | 23143,75 | 14725,75 |
| Лоиҳаҳое, ки сарчашмаи маблағ надоранд | 8380 | 3869 | 3869 | 3870 | 3870 | 3870 |
| Ҳамагӣ: | 158614,6 | 18989,4 | 40217,8 | 39038 | 34169 | 25751 |

## Сухани ифтитоҳии Раиси ноҳияи Б. Ғафуров

Ҳамдиёрони мӯҳтарам!

Рушди мунтазами иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров дар солҳои истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал омад ва ин диёри бостонӣ нуфуз ва шӯҳрати худро дар саҳмгузорӣ ба сохти навини давлатдории тоҷикон боз ҳам зиёд намуд.

Аз оғӯши ин диёр садҳо шоирону донишмандони фозил, сиёсатмадорон ва қаҳрамонони ҷангу меҳнат бархостаанд. Таъмини рушди босуботи иқтисодию иҷтимоии ноҳия эҳё ва ташкили инфрасохтори замонавӣ, ба роҳ мондани ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ, саноат, маориф, тандурустӣ, ҳифзи.

Бо мақсади ноил гаштан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола ва таъмини нишондиҳандаҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 ва Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2010-2012 бояд дар мӯҳлатҳои муайяншуда тадбирҳои таъхирнопазир андешем.

Дар шароити имрӯза ташкили ҷойҳои нави корӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва пурзӯр намудани иқтидори содиротии кишвар, ки самтҳои афзалиятноки сиёсати Ҳукумати ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравaнд, васеъ намудани доираи фаъолияти корхонаҳои саноатии мавҷуда, таъсиси корхонаҳои нави истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир тавассути ворид намудани технологияҳои муосир, ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти ниҳоиро тақозо менамояд.

Ноил гаштан ба ҳадафҳои гузошташуда танҳо дар сурати ба роҳ мондани сиёсати дурусти андозбандӣ, истифодаи мақсадноку самараноки маблағҳои буҷетӣ ва мусоидат намудан ба рушди бемайлони соҳибкории хурду миёна ба даст меояд. Зеро дар шароити иқтисоди бозаргонӣ бахши хусусӣ ягона омили такондиҳандаи рушди босуботи соҳаҳои асосии ҳаёти ҷомеа ба шумор меравад.

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо бояд ҳар як шаҳрванди ин диёр дар ҷараёни амалӣ гаштани «Барномаи рушди ноҳияи Бобоҷон Ғафуров барои солҳои 2011-2015» саҳмгузор бошад.

Дар ҳамин замина, ба мутахассисони Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Барномаи рушди Созмони Миллали Муттаҳид ва ҳамчунин ба аъзоёни Гурӯҳи корӣ, ки барои тарҳрезии ин Барномаи муҳим кӯмаки худро дареғ надоштанд, миннатдории худро иброз менамоям.

Илова бар ин мехостам, ҳамаи тарафҳои ҳавасманду шаҳрвандонеро, ки ба тақдири наслҳои оянда бетафовут нестанд, даъват менамоям, ки барои татбиқи сари вақтӣ ва самараноки барномаи мазкур ҳиссагузор бошанд.

# Мундарича

**Рӯйхати ихтисорот ........ 5**
**Сарсухан ........ 6**

**1. Таҳлили ҳолати умумӣ ва вазъи воқеъӣ** ........ 7
1.1. Сохтори маъмурӣ-ҳудудии ноҳия ........ 7
1.2. Шарҳи таърихию фарҳангӣ ........ 7
1.3. Шароит ва захираҳои табиию иқлимӣ ........ 8
1.4. Вазъи демографӣ ........ 9
1.5. Тамоюлҳои асосии иқтисодию иҷтимоӣ ........ 10
1.6. Биниши ояндаи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ........ 11

**2. Таҳлили ҳолат ва тавсифи стратегия дар бахшҳо** ........ 13
**2.1. Иқтисодиёт** ........ 13
2.1.1. Соҳаи кишоварзӣ ........ 13
2.1.2. Саноат ........ 22
2.1.3. Соҳибкории хурд ва миёна ........ 28
2.1.4. Стратегия ва вазифаҳои бахши иқтисодиёт ........ 31
**2.2. Иҷтимоиёт** ........ 38
2.2.1. Маориф ........ 38
2.2.2. Тандурустӣ ........ 41
2.2.3. Ҳифзи иҷтимоӣ ........ 44
2.2.4. Фарҳанг, фароғат ва варзиш ........ 46
2.2.5. Стратегия ва вазифаҳои сектори иҷтимоӣ ........ 48
**2.3. Инфрасохтор** ........ 55
2.3.1. Таъминоти оби нӯшокӣ ........ 55
2.3.2. Хизматрасонии манзилию-коммуналӣ ........ 57
2.3.3. Нақлиёт ва коммуникатсия ........ 59
2.3.4. Стратегия ва вазифаҳои сохтор ........ 62
**2.4. Бехатарии муҳити зист** ........ 66
2.4.1. Кам кардани офатҳои табиӣ ........ 66
2.4.2. Экология ........ 66
2.4.3. Стратегияҳо ва вазифаҳои сектори бехатарии муҳити зист ........ 69
**2.5. Таъминоти захиравӣ** ........ 71
2.5.1. Стратегия ва вазифаҳои сектори таъминоти захиравӣ ........ 75
2.5.2. Таъминоти молиявии БР ........ 76

**3. Мониторинг ва арзёбӣ** ........ 78

## Рӯйхати ихтисорот

| | |
|---|---|
| АИО | Ассотсиатсияи истифодабарандагони об |
| АМФОТ | Ассотсиатсияи Созмонҳои микромолиявӣ дар Тоҷикистон |
| АТ | Арзёбии таъсиррасон |
| АХД | Ассотсиатсияи хоҷагиҳои деҳқонӣ |
| БУ | Бонки умумиҷаҳонӣ |
| БИД | Барномаи инвеститсионии давлатӣ |
| БМД | Баҳодиҳии муштараки эҳтиёҷоти деҳот |
| БОЧ | Барномаи озуқаворӣи ҷаҳонӣ |
| БРН | Барномаи рушди ноҳия |
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Миллали Муттаҳид |
| БРЧ | Барномаи рушди ҷомеа |
| ВМХИ | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВХФ | Вазорати ҳолатҳои фавқуллодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВХШ | Варақаҳои ҳисоботи шаҳрвандон |
| ГК | Гурӯҳҳои кории секторӣ |
| ГФТ | Гурӯҳи фаъоли ташаббускор |
| ДМ | Дафтари минтақавӣ |
| ИМ | Идоракунии маҳаллӣ |
| ИЧ | Иттиҳодияи ҷамъиятӣ |
| КАТС | Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| МваА | Мониторинг ва арзёбӣ |
| МДЧ | Маркази дастгирии ҷамоат |
| МДЧШ | Маркази дастгирии ҷомеаи шаҳрвандӣ |
| МТС | Маркази тадқиқоти стратегӣ |
| НКХ | Нақшаи кории ҳарсола |
| НОБ | Нерӯгоҳҳои обии барқӣ |
| НРЧ | Нақшаи рушди ҷамоат |
| РЕАКТ | Гурӯҳи зуд баҳодиҳандаи ҳолатҳои фавқулодда ва ҳамоҳангсоз |
| СБМ | Созмони байналмиллали муҳоҷират |
| SWOT | Паҳлӯҳои қавӣ, заиф ва имкониятҳову таҳдидҳо |
| СМ | Созмонҳои маҳаллӣ |
| СМваА | Системаи мониторинг ва арзёбӣ |
| СМР | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 |
| СГХ | Созмонҳои ғайриҳукуматӣ |
| СПКСК | Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ |
| СХМ | Соҳибкории хурд ва миёна |
| ToT | Тренинг (омӯзонидани) барои тренерон |
| ФГ | Фонди гардон |
| ФКХ | Фонди қарзии хурд |
| ФРЧ | Фонди рушди ҷамоат |
| ХРХ | Ҳадафҳои рушди ҳазорсола |
| ШРН | Шӯрои рушди ноҳия |
| ШХЛ | Шартномаи ҳамкории лоиҳавӣ |
| ОСНА | Дафтари ҳамоҳангсозии корҳои башардӯстӣ |

# Сарсухан

Барномаи рушди ноҳияи Бобоҷон Ғафуров барои солҳои 2011-2015 аз ҷониби Гурӯҳи корӣ оид ба таҳия намудани Барнома дар асоси таҳлили вазъи иқтисодию иҷтимоии ноҳия

Барномаи рушди ноҳияи Бобоҷон Ғафуров барои солҳои 2011-2015 аз ҷониби Гурӯҳи корӣ оид ба таҳия намудани Барнома дар асоси таҳлили вазъи иқтисодию иҷтимоии ноҳия тартиб дода шудааст.

Таҳлили мазкур бо иштироки васеъ ва машваратҳои бо намояндагони ҷомеаи шаҳрвандию бахши хусусӣ ва мутахассисони соҳавӣ тарҳрезӣ шуда, дар он самтҳои афзалиятноки рушди соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи ноҳия ба эътибор гирифта шудаанд.

Зимнан бояд қайд намуд, ки Барномаи номбурда бо такя ба Дастури методии оид ба таҳияи ва татбиқи Барномаҳои рушди шаҳру ноҳияҳо ва мақомотҳои худидораи шаҳраку деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси сиёсати давлатӣ ва асосҳои стратегии рушди кишвар бо дарназардошти ҳуҷҷатҳои Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола (ҲРҲ), Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ (СПСК) барои солҳои 2010-2012 ва Стратегияи Миллии Рушди (СМР) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015 таҳия ва қабул гаштааст, таҳрезӣ гардидааст.

Барномаи мазкур аз бобҳои зерин иборат мебошад:

Боби 1. Тавсифи мухтасар ва таҳлили ҳолати умумии ноҳия, аз он ҷумла тамоюли рушди иқтисодию иҷтимои дар панҷ соли охир;

Боби 2. Таҳлил ва баҳодиҳии ҳолати ҷории ноҳия дар бахшҳои асосӣ – иқтисодиёт, иҷтимоиёт, инфорасохтор, бехатарии муҳити зист ва инчунин стратегияҳои рушди соҳаҳои мазкур дар 5 соли минбаъда ва арзёбии захираҳои лозими барои татбиқи онҳо;

Боби 3. Тасвири низомҳои ташкил, татбиқ, мониторинг ва арзёбии барномаи рушди ноҳия.

# БОБИ 1. ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА ВАЗЪИ ВОҚЕЪӢ

## 1.1. Сохтори маъмурию ҳудудии ноҳия

Ноҳияи Б.Ғафуров дар қисмати ҷанубу ғарбии вилояти Суғд байни қаторкӯҳҳои Курама ва Туркистон, дар қисми ҷанубии водии Фарғона воқеъ мебошад. Заминҳои ноҳия дар кӯҳҳои Тиёншон ва Мевагул ҳам ҷойгир шудаанд. Ноҳияро аз тарафи шимол қаторкӯҳҳои Курама (баландиаш то 3769 м) ва аз тарафи ҷануб қаторкӯҳҳои Туркистон (баландиаш то 5509 м) иҳота менамоянд.

Майдони умумии ноҳия 2651,7 км$^2$ буда, 4,1 % майдони умумии вилояти Суғдро ташкил медиҳад. Аҳолии ноҳия ба ҳолати 1 январи соли 2011 316,5 ҳазор нафар мебошад.

Ноҳия аз ҷануб бо ноҳияи Лайлаки вилояти Боткони Ҷумҳурии Қирғизистон, аз ҷанубу ғарб бо ноҳияи Ҷаббор Расулов, аз шимолу шарқ бо ноҳияи Мастчоҳ ва Ашт ҳамсарҳад мебошад.

Ноҳияи Бобоҷон Ғафуров аз 11 ҷамоати деҳот аз ҷумла 1. Хистеварз, 2. Исфисор, 3. Овчиқалъача, 4. Исмоил, 5. Ёва, 6. Унҷӣ, 7. Ҳ.Усмон, ,8. Д.Холматов, 9. Катаған, 10. Ӯткансой, 11. Ғозиён. ва маркази ноҳия – шаҳраки Ғафуров иборат аст:




## 1.2. Шарҳи таърихию фарҳангӣ

Ноҳияи Б. Ғафуров таърихи зиёда аз 3000-сола ва мероси ғании фарҳангиро дорост (Китоби «Парвозгоҳи Бузургон» саҳ. 52).

Мувофиқи сарчашмаҳои таърихи маълумаст, ки дар ҳудуди ноҳияи зиёда аз се ҳазор сол пеш дар соҳили дарёи Сир ва сойи Хоҷабоқирғон мавзеъҳои аҳолинишин арзи вуҷуд доштанд, ки онҳо ҳамчун деҳаҳои Пули чуқур, шаҳри кӯҳнаи Хуҷанд маъмул мебошанд. Дарёфтҳои археологӣ, танга ва асбобҳои ороишӣ, ки ба давраи тахтнишинии Искандари Мақдунӣ таалуқ доранд 3 ҳазорсолагии ноҳияро муайян менамоянд. Айни замон дарёфтҳои мазкур дар музеи таърихии ноҳия ҷойгир мебошанд.

Дар ин давра истиқоматкунандагони ин диёр бо ҳунарманди, савдо, кишоварзӣ аз ҷумла парвариши пахта, ғалладонагиҳо ва чорводорӣ машҳур буданд.Бахусус ин соҳаҳо дар деҳаҳои Унҷӣ, Рӯмон, Ғозиян, Исфисор, Ёва ва Қистакӯз ташаккул ёфта буданд.

Пактакорӣ дар асрҳои миёна заминаи пайдоиш ва рушди минбаъдаи ресмонресӣ ба ҳисоб мерафт.

Ҷойгиршавии мусоиди ҷуғрофии ноҳия, аз ҷумла гузаштани Роҳи абрешим аз ҳудуди он такони бузург барои рушди минбаъдаи ноҳия гашт.

Ормогоҳи бародари Каюмарс асосгузори шаҳри Хуҷанд, Хуҷанд дар деҳаи Пуличуқури ҷамоати Ҳайдар Усмон ҷойгир мебошад.

Ноҳияи Б. Ғафуров (собиқ ноҳияи Хуҷанд) бо қарори Кумитаи иҷроияи Марказии (ЦИК) СССР соли 1926 таъсис шуда, соли 1936 ҳамчун Ленинобод номгузорӣ шудааст. Бо қарори Шӯърои Олии Ҷумҳурии шӯравии сотсиалистии Тоҷикистон аз 27.10.1939 ноҳия ба сохтори вилоят шомил мешавад. 30 июни соли 1999 бахшида ба 90-солагии Қаҳрамони Таҷикистон академик Бобоҷон Ғафуров номи ноҳия ба номи Б.Ғафуров номгузорӣ шуд. Маркази ноҳия, шаҳраки Ғафуров мебошад.

Қайд кардан лозим аст, ки ноҳия бо равиши тез солҳои 52-89-ум тараққӣ карда буд, ва дар ҳудуди он колхози ба номи «Москва», ки дар тамоми Иттиҳоди Шӯравӣ машҳур буд амал мекард. Онро Корманди шоистаи давлатӣ, Қаҳрамони дукаратаи меҳнати сотсиалистии ИШ - Саидхоҷа Ӯрунхоҷаев сарварӣ мекарданд.

Дар он солҳо колхоз истеҳсолкунандаи пешқадами маҳсулоти кишоварзӣ (махсусан пахта ва маҳсулоти чорводорӣ) ва мактаби таҷрибаи пешқадам барои колхозҳои на танҳо минтақа, балки тамоми ҷумхуриҳои бародарӣ ба ҳисоб мерафт.

Дар истеҳсоли пахта колхози номбурда ҷойи аввалро дар ҷумҳурӣ ишғол менамуд.

*Расми 1. Қасри «Арбоб»*



Дар ин давра инфрасохтор ва бахши иҷтимоӣ-фароғатии ноҳия хеле пеш рафта буд, ки заминаи рушди иқтидори он гашт. Масалан, соли 1957 бо ташаббуси худи Ӯрунхоҷаев, қасри «Арбоб», ки нусхаи Кохи Петр I дар Ленинград буд, сохта шуд.

Маҳз дар ҳамин қаср соли 1992 сессияи ҳаётбахши таърихӣ барои халқи Тоҷикистон – XVI иҷлосияи Шӯърои Олӣ баргузор гашт, ки дар он Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шӯърои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гашт. Ин қасри зебо айни замон иншооти таърихӣ ва ҷойи истироҳат барои меҳмонони хориҷӣ ва истиқоматкунангони маҳаллва дигар минтақаҳо мебошад.

**1.3. Шароит ва захираҳои табиию иқлимӣ**

Иқлими ноҳия континенталии хушк буда, ҳарорати миёна дар фасли зимистон аз -10 то -15◦С дараҷа сард, тобистон аз +27◦С до +36◦С дараҷа гарм мешавад. Ҳудуди ноҳия аз захираҳои канданиҳои фоиданоки (санг, хок, шағал, рег) ва захираҳои об бой

мебошад. Дарёи Сир ва сойи Хоҷабоқирғон соҳаи калони кишоварзӣ ва дигар соҳаҳоро бо об таъмин мекунанд. Табиат ва иқлими ноҳия барои рушди соҳаи кишоварзӣ мусоид мебошад.

### 1.4. Вазъи демографӣ

Аҳолии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ба ҳолати 1 январи соли 2011-ум 316,5 ҳазор нафарро ташкил додааст, аз ҷумла 17,1 ҳазор нафар (5,4%) дар шаҳрак ва боқимонда 299,4 ҳазор нафар (94.6%) дар деҳот зиндагӣ мекунанд.

Мувофиқи нишондиҳандаҳои дурнамо, аҳолии ноҳияи Б. Ғафуров дар соли 2015 ба 353,5 ҳазор нафар мерасад.

Дар ҷадвали зерин маълумот оид ба шумораи хоҷагиҳо ва аҳолии деҳаҳо, шаҳрак дар ноҳияи Б. Ғафуров дар соли 2010 оварда шудааст.

*Ҷадвали 1.*

| Номгӯи маҳал | Миқдори хоҷагиҳо | Шумораи аҳолӣ | | |
|---|---|---|---|---|
| | | ҳамагӣ | мардҳо | занҳо |
| Ёва | 5871 | 39152 | 19184 | 135141<br>19968 |
| Исфисор | 6753 | 36256 | 17765 | 18491 |
| Исмоил | 4377 | 23794 | 11659 | 12135 |
| Овчи-қалъача | 4132 | 19762 | 9683 | 10079 |
| Унҷӣ | 7760 | 41160 | 20168 | 20992 |
| Ҳ.Усмонов | 6038 | 36009 | 17644 | 18365 |
| Д. Холматов | 2172 | 12145 | 5951 | 6194 |
| Қистакӯз | 9093 | 51797 | 25381 | 26416 |
| Қатаған | 2164 | 12147 | 5952 | 6195 |
| Ғозиён | 2650 | 17488 | 8569 | 8919 |
| Ӯткансой | 1559 | 9660 | 4733 | 4927 |
| шаҳраки Ғафуров | 4619 | 17096 | 8380 | 8716 |
| Ҳамагӣ: | 57188 | 316466 | 155069 | 161397 |

Ҷамоати Хистеварз аз рӯи шумораи аҳолӣ дар миқёси ноҳия калонтарин ба ҳисоб меравад. Аҳолии он 16,3% шумораи умумии аҳолии ноҳия ва 15,9% шумораи умумии хоҷагиро ташкил медиҳад.

Аз рӯи қиёси ҷинсӣ 51% шумораи умумии аҳолии ноҳияро занҳо ташкил мекунанд. Аҳолии ноҳия гуногунмиллат буда, бештари онҳо тоҷикон мебошанд.

*Диаграммаи 1.Таркиби этникии аҳолӣ дар с. 2010 (нафар)*



Дар сохтори синну солии аҳолии шаҳраку деҳотҳои ноҳия шахсони синну соли миёна, аксариятро ташкил медиҳанд (54%).

*Ҷадвали 2. Сохтори ҷинсию синну солии ноҳия дар соли 2010*

| Нишондиҳандаҳо | Ҳамагӣ | Аз он ҷумла духтарон/ занҳо | % духтарон/ занҳо |
|---|---|---|---|
| Ҷавонони то сини 14 | 120030 | 63938 | 53,3 |
| Шахсони сину соли миёна | 172086 | 82037 | 47,7 |
| Шахсони сину соли нафақа (63 мард/58 занҳо) ва пиронсолон | 24350 | 15422 | 63,3 |
| Ҷамъ: | 316466 | 161397 | 51,0 |

*Ҷадвали 3. Афзоиши демографӣ дар ноҳия*

| Солҳо | Шумораи никоҳ | Таваллуд | Шумораи фавт | Шумораи муҳоҷирон | Зиёдшавии табии аҳолӣ | Зиёдшавии табии аҳолӣ бо фоиз | Шумораи умумии аҳолӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2008 | 3543 | 7859 | 1640 | 10647 | 6217 | 20,7 | 300311 |
| 2009 | 3461 | 8723 | 1495 | 8164 | 7188 | 23,4 | 307744 |
| 2010 | 3319 | 9190 | 1526 | 12123 | 7664 | 24,2 | 316466 |

Дар се соли охир шумораи аҳолии ноҳия ба 16 155 нафар, шумораи таваллуд ба 1331 нафар ва шумораи муҳоҷирон ба 1476 нафар афзоиш ёфтааст. Аз шумораи умумии муҳоҷирон дар соли 2010 17,8 %-ро занҳо ташкил медиҳанд. Сабаби асосии афзоиши сатҳи муҳоҷирати меҳнатӣ паст будани музди меҳнат дар ноҳия, ва паст будани ҳавасмандкунии молияви коргарон мебошад.

Айни ьол яке аз самтҳои асосии барнома ташкили ҷойҳои нави корӣ мебошад, ки ба камшавии шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ ва паст намудани сатҳи камбизоатӣ мусоидат хоҳад кард.

Мувофиқи дурнамо то соли 2015 зиёдшавии табии аҳолӣ 10,9% нисбати нишондидаҳои соли 2011 пешбинӣ шудааст.

*Ҷадвали 4. Нишондиҳандаҳои дурнамои нуфузи табии аҳолии н. Б. Ғафуров дар с. 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | 2011 ҳисобот | 2012 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | | с. 2015 бо % нисбати с. 2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с. 2013 | с. 2014 | с. 2015 | |
| Шумораи аҳолӣ | 324,4 | 331,7 | 339,1 | 342,2 | 353,5 | 109,0 |
| Аз он ҷумла: | | | | | | |
| шаҳр | 17,4 | 17,7 | 18,0 | 18,2 | 18,5 | 106,3 |
| деҳот | 307 | 314 | 321 | 328 | 335 | 109,1 |

**1.5. Тамоюлҳои асосии иқтисодию иҷтимоӣ**

Таҳқурсии иқтисодиёти ноҳияро соҳаи кишоварзӣ ташкил медиҳад, ки дар он 94% аҳолии қобили меҳнати ноҳия кор мекунанд. Самтҳои асосии рушди кишоварзӣ - соҳаҳои пахтакорӣ, боғдорӣ, сабзавоткорӣ, ғаллакорӣ, пиллапарварӣ ва чорводорӣ (асосан дар хоҷагиҳои деҳқонӣ) мебошанд. Ба даромаднокии соҳаи кишоварзӣ омилҳои зерин садди роҳ мешаванд, норасоӣ ва фарсуда гаштани техникаи кишоварзӣ, норасоии нуриҳои минералӣ ва сӯзишворӣ, паст шудани интенсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ, бад будани ҳолати мелиоративӣ ва экологии заминҳои кишоварзӣ, дастрас набудани воситаҳои истеҳсолот.

Ноҳия дорои иқтидори пурқуввати саноатӣ мебошад, ки дар ҳудуди он бештар аз 30 корхонаҳои саноатӣ фаъолият менамоянд. Дар ноҳия дар давоми се соли охир 8 корхонаи нави саноатӣ барпо карда шуда, ки дар онҳо 116 нафар бо ҷои корӣ таъмин шуданд. Ба рушди соҳаи саноат омилҳои зерин ба монанди норасоии ашёи хом ва

қувваи барқ, фоизи баланди қарзҳои бонкӣ (ҳамчунин муддати кӯтоҳи баргардонии қарзҳо), истифодаи техникаи кӯҳнаву фарсуда дар истеҳсолот ва набудани сармоя ва технологияҳои муосир таъсири манфӣ мерасонад. Соҳибкорони маҳаллӣ дар ҳалли масоили иҷтимоӣ фаъолона иштирок намуда, дар рушди иқтисодиёти ноҳия, ташкили ҷойҳои нави корӣ, беҳгардонии инфрасохтор ва рушди соҳибкории хурду миёна саҳми арзанда мегузоранд.

Дар ноҳия ҳамасола инфрасохтори иҷтимоӣ рушд ёфта, инфрасохтори фароғатӣ беҳтар мегардад.

Мушкилоти асосии соҳаи тандурустӣ ин таъминоти номусоиди муассисаҳои тиббӣ бо таҷҳизоти муосир ва ташхисӣ мебошанд.

Мушкилоти асосии соҳаи маориф бо ҳолати ғайриқаноатбахши инфрасохтори мактабҳо, норасогии кабинетҳою лабораторияҳои фаннии ҳозиразамон иборат мебошад.

Дар ноҳия соҳаи варзиш ва фаъолияти фарҳангии аҳолӣ рушд ёфтаанд.

Ба проблемаҳои асосии иҷтимоиёти ноҳия паст будани музди меҳнат, аз кор рафтани аҳолӣ ба муҳоҷирати меҳнатӣ, нокифоягии ҳифзи иҷтимоии табақаҳои осебпазири аҳолӣ дохил мешаванд.

Барои беҳтар кардани хизматрасонии хоҷагии манзилӣ-коммуналӣ (ХМК) сатҳи сусти идоракунии ХМК, набудани таъминоти аҳолӣ бо гази табиӣ ва маҳдудкунии таъмини аҳолӣ бо барқ монегӣ мекунад.

Аҳолии ноҳия дар ҳалли проблемаҳои маҳаллии худ фаъолона иштирок менамоянд. Дар ҳудуди ноҳия якчанд ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва байналхалқӣ фаъолият мебаранд, ба монанди БР СММ, ЮСАИД, Бонки Умумиҷаҳонӣ ва бонки Рушди Осиё, Сафорати Ҷопон, Вазорати корҳои хориҷии Финляндия, АНТИ, Ассотсиатсияи «Зан ва ҷомеа» ва дигарҳо. Фаъолияти асосии онҳо ба ҳалли чунин масъалаҳо, ба монанди таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокии тоза, беҳгардонии ҳолати мелиоративии заминҳо ва инфрасохтори иҷтимоӣ ва рушди иқтисодӣ равона карда шудаанд. Имкониятҳои буҷетии ноҳия асосан ба дастгирии иҷтимоии аҳолӣ равона карда шудаанд. Барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ҳамасола аз 90 то 92,4 % буҷети маҳаллӣ хароҷот карда мешавад. Дар ҳудуди ноҳия сармояҳои капиталӣ ва иҷтимоӣ асосан аз ҳисоби аҳолӣ ва соҳибкорон ташаккул меёбанд.

### 1.6. Биниши ояндаи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров

*Ноҳияи Бобоҷон Ғафуров – маркази мутараққии агросаноатии бо технологияи муосир муҷаҳҳаз ва ба меъёрҳои сифати умумиҷаҳонӣ ҷавобгӯ, дорои инфрасохтори хуб, шароити барои соҳибкорӣ мусоид ва муҳити атрофи тоза буда, дар ҳудуди он одамони солиму хушбахт умр ба сар мебаранд.*

Биниши мазкур дар асоси таҳлили (SWOT), яъне бо назардошти тарафҳои қавию заиф, имконият ва хатарҳои рушди ноҳияи Б.Ғафуров таҳия гардидааст.

*Ҷадвали 5. Тарафҳои қавию заиф, имкониятҳо ва хатарҳо*

| | | |
|---|---|---|
| Омилҳои дохилӣ | **Тарафҳои қавӣ**<br>Ҷойгиршавии ҷуғрофии муфид барои рушди кишоварзӣ;<br>Вуҷуд доштани захираҳои меҳнатӣ ва баландихтисос будани аҳолӣ дар соҳаи кишоварзӣ;<br>Захираҳои меҳнатӣ ва мутахассисони соҳибтаҷриба дар сектори аграрӣ;<br>Мавҷуд будани хоҷагиҳои деҳқонии пуртаҷриба;<br>Вуҷуд доштани инфрасохтори асосӣ;<br>Мавҷуд будани корхонаҳои саноатӣ;<br>Фаъолнокии ҷамъиятии аҳолӣ ва сектори хусусӣ;<br>Фаъолият бурдани телевизионӣ маҳаллӣ;<br>Мавҷуд будани муассисаҳои иҷтимоӣ;<br>Мавҷудияти роҳи оҳан ва ҳавоӣ;<br>Қаробат ба маркази вилоят;<br>Маблағҳои воридшудаи муҳоҷирони меҳнатӣ | **Тарафҳои заиф**<br>Кам будани ҷойҳои корӣ;<br>Дур будани марказҳои саломатӣ аз ҷамоатҳо ва деҳаҳо;<br>Таъмирталаб будани иншоотҳои мавҷуда;<br>Кам шудани шумораи корхонаҳо саноатӣ<br>Дастар набудани оби полезӣ;<br>Бад будани ҳолати мелиоративии заминҳо;<br>Таъмин нагаштани соҳаи кишоварзӣ бо нуриҳои минералӣ ва техника;<br>Камшавии миқдори корхонаҳои саноатӣ;<br>Паст будани сатҳи дониши забони тоҷикӣ дар маҳаллҳо;<br>Ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтини мардҳо;<br>Маҳдудкунии қувваи барқ;<br>Коррупсия |
| Омилҳои беруна | **Имкониятҳо**<br>Болоравии нархи пахта;<br>Вуҷудияти санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба рушди соҳибкорӣ мусоидаткунанда дар мамлакат;<br>Ташкили минтақаи савдои наздисарҳадӣ бо давлатҳои ҳамҷавор;<br>Вуҷудияти барномаҳои давлатию соҳавӣ;<br>Рушди соҳаи боғдорӣ;Шавқмандии маблағгузории ташкилотҳои байналмилалӣ ва донорӣ ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ноҳия; | **Хатарҳо**<br>Тағйирёбии иқлим (хатари зери таъсири офатҳои табиӣ мондан);<br>Вуҷуд доштани партовҳои заҳролудшудаи уран (хвостохранилище);<br>Сар задании низоъҳои наздисарҳадӣ;<br>Таъсири бӯҳрони ҷаҳонии молиявӣ;<br>Эпидемия ва пандемияҳо;<br>Ҳолати ногувори сиёсии давлатҳои ҳамсарҳад |

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТ ВА ТАВСИФИ СТРАТЕГИЯИ СЕКТОРҲО

## 2.1. Иқтисодиёт

### 2.1.1. Соҳаи кишоварзӣ

Ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ва шароитҳои табиию иқлимии ноҳияи Б.Ғафуров хусусияти самтҳои иқтисодии онро муайян кардаанд. Ноҳия яке аз минтақаҳои пешрафтаи аграрию саноатии вилоят ва ҷумҳурӣ махсуб меёбад.

Нақши соҳаи кишоварзӣ дар иқтисодиёти маҳаллӣ.

Хоҷагии қишлоқ соҳаи асосии пешбурди иқтисодиёт мебошад ва дар ҳаёти иқтисодии ноҳия нақши аввалиндараҷаро мебозад. Дар деҳот қисми зиёди аҳолии қобили меҳнат зиндагӣ дорад (94%).

48% фоизи ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳо ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд.

*Диаграммаи 2. Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар солҳои 2009-2010*




Сабаби паст шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ (бо ифодаи пулӣ) дар соли 2010 дар қиёс бо соли 2009 ин паст шудани ҷамъоварии ҳосили баъзе намудҳои зироатҳо, аз ҷумла картошка, ангур ва меваҳо мебошад. Шароити бади обу ҳаво ба соҳа хисороти калон расонид. Маблағи умумии зарари аз шароити иқлимӣ ба соҳаи кишварзӣ расонидашуда дар соли 2010 1,8 млн. сомониро ташкил дод.

Соҳаҳои асосии кишоварзии ноҳия пахтакорӣ, растанипарварӣ, боғдорӣ, ғаллакорӣ, сабзавоткорӣ, ангурпарварӣ, кирмакпарварӣ, чорводорӣ мебошанд.

Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2010 нисбати соли 2009 ба ҳар сар аҳолӣ он аз ҷумла ғалладонагиҳо 70 кг., сабзавот -194 кг., мева- 44 кг, ангур -25 кг., шир -98 кг., гӯшт 20 кг. ва тухм -49 донаро ташкил дод.



Шакли ташкилии соҳаи кишоварзӣ. Дар ноҳия 12 ассотсиатсияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ, 347 хоҷагии дехқонии инфиродӣа оилавӣ, як хоҷагии ниҳолпарварӣ, 2 адад ҷамъияти саҳҳомӣ ва 2 адад ташкилоти илмию истеҳсолӣ фаъолият менамоянд.

Таъминот бо техникаи кишоварзӣ: Сатҳи механизатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ он қадар баланд нест. Аз рӯи маълумотҳои оморӣ ба 01.01.2011,

дар миқёси ноҳия ҳамагӣ 2871 адад техникаи кишоварзӣ мавҷуд аст, аз ҷумла: 1099 адад тракторҳо аз он (179 адад техникаи шудгоркунанда), комбайни ғалладарав - 66 адад, автомобилҳои боркашон – 394 адад, ядакҳои трактор - 449 адад, алафдарав - 33 адад, мошинаҳои пахтачин- 20 адад, тухмипошакҳо – 220 адад, плугҳои трактор – 232 адад, култиваторҳо– 278 адад, воруххои пахтатозакунӣ – 39 адад ва дигар техникаи кишоварзӣ - 41 адад. Аксари техникаи кишоварзии хоҷагиҳои ноҳия фарсуда мебошанд, зеро, ки онҳо дар солҳои 1975 - 1995 истеҳсол шудаанд (аз тарафи хоҷагиҳо танҳо 2-3 адад техникаи нав дар як сол харидорӣ карда мешавад). Барои таъмири ҳарсолаи техника маблағи зиёд лозим аст ( 60-70% техника таъмирталаб аст).

Истифодабарии замин. Майдони умумии ҳамаи заминҳо бо назардошти заминҳои дар дигар ноҳияҳо буда (дар Мастчоҳу Ҷаббор Расулов) 298438 га-ро ташкил медиҳад.

Масоҳати умумии заминҳои кишоварзӣ 138428 га ё худ 46,4% майдони умумии заминҳои ноҳияро ташкил менамояд.

*Ҷадвали 6. Сохтори истифодаи замин ба 01.01. с.2011*

| Истифодабарии заминҳо | Майдони умумии заминҳои истифодашаванда (Гектар) | Аз ҷумла дар ҳудуди ноҳия (Гектар) |
|---|---|---|
| Майдони умумии заминҳо | 298438 | 265174 |
| Аз ҷумла: Замини обӣ | 40 602 | 39041 |
| Замини корам | 25 779 | 21 358 |
| аз ин, замини обӣ | 22 455 | 21 039 |
| Дарахтҳои бисёрсола | 10940 | 10905 |
| Аз ҷумла: Боғот | 7303 | 7270 |
| - Токзор | 3126 | 3126 |
| - Тутзор | 443 | 441 |
| - субтропикӣ | 55 | 55 |
| - ниҳолпарваришгоҳ | 13 | 13 |
| Заминҳои боир | 2142 | 1310 |
| аз ин, обӣ | 806 | 752 |
| Алафзор | 42 | 42 |
| Чарогоҳ | 99525 | 80898 |
| Ҳамагӣ заминҳои кишоварзӣ: | 138428 | 114513 |
| аз ин; обӣ: | 34207 | 32686 |
| Заминҳои корами обӣ | 22826 | 21412 |
| Наздиҳавлигӣ | 8087 | 7941 |
| Президентӣ | 1033 | 1000 |
| ҷангалу бешазор | 2366 | 2037 |
| Дигар заминҳо | 148524 | 139683 |

86 фоизи майдони умумии заминҳои корами обӣ тавассути насосҳои обкашӣ обёрӣ карда мешаванд.

Соли 2010 аз захираи заминҳои корами дар ноҳия мавҷудбуда бо назардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ дар майдони 26752 гектар (98%) кишти зироатҳо гузаронида шуд.

Сабаби кам шудани майдонҳои кишти зироатҳои хӯроки чорво зиёдшавии майдонҳои зироатҳои ғалладона (1655 га), зироатҳои техникӣ (пахта - 153 га), сабзавот (388 га) ва бунёди боғоти нав (750 га) мебошад.

Зиёда аз 10% заминҳои обии ноҳия ба шӯршавӣ гирифтор шудаанд. Соли 2009 майдони заминҳои дараҷаи шӯршавиашон миёнаву сахт 1016 га-ро ташкил намуданд.

Сатҳи минерализатсияи замин 002С, ки аз нишондодҳои меъёрӣ баланд аст (3г/л) дар соли 2009 372га-ро ташкил карданд. Майдони заминҳои сатҳи обҳои зеризаминиашон аз меъёр баланд (1-1,5 м) аз соли 2000 то 2004 240 га зиёд шуданд. Майдони заминҳои сатҳи обҳои зеризаминииашон то 1 м. 1760 га ва то 1,8 м. 5596 га-ро ташкил медиҳанд. Сабаби асосии баландшавии сатҳи обҳои зеризаминӣ ба мушкилоти шабакаҳои мелиаратсионӣ вобаста аст (ба боби ирригатсия дар поён нигаред).

*Диаграммаи 3. Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар шакли натуралӣ барои солҳои 2008-2010. (тонна)*




| | Ғалладонагиҳо | Пахта | Сабзавот | Картошка | Мева | Ангур |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2008 | 17186 | 14780 | 53893 | 10012 | 14356 | 8220 |
| 2009 | 24154 | 13574 | 58280 | 10030 | 12374 | 10860 |
| 2010 | 21801 | 16063 | 60200 | 8322 | 13773 | 7790 |

**Растанипарварӣ.**

Дар соли 2010 ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 273,7 млн. сомониро ташкил дод, ки дар ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзии ноҳия 69,9% мебошад.

Дар структураи истеҳсоли зироатҳои растанипарварӣ сабзавоту ғалладонагиҳо афзалият доранд.

*Диаграммаи 4. Истифодаи майдонҳои киштшаванда дар солҳои 2009-2010*




| | Ғалладонагиҳо | Сабзавот | Зироатҳои техникӣ | Картошка | Полезӣ | Хӯроки чорво |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2009 | 7790 | 2354 | 9189 | 303 | 445 | 9004 |
| 2010 | 8952 | 2772 | 9342 | 339 | 466 | 4881 |

Ҳаҷми истеҳсоли картошка, мева ва ангур соли 2010 дар қиёс бо соли 2008 мутаносибан ба 16,9 %, 4,1% и 5,3% кам шуд. Сабаби кам шудани истеҳсоли картошка кам шудани майдонҳои кишти такрории он дар бахши хусусӣ (аҳолӣ) мебошад. Ба паст шудани истеҳсоли меваҷот ва ангур бевосита шароити номусоиди обу ҳаво таъсир расонид.

*Диаграммаи 5. Ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ (с/га)*




| | Ғалладо нагиҳо | Пахта | Сабзаво т | Картош ка | Мева | Ангур |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2008 | 23.7 | 14.9 | 205 | 174 | 26.1 | 22.9 |
| 2009 | 25.1 | 16.4 | 204 | 202 | 29.3 | 31.6 |
| 2010 | 22.2 | 18 | 206 | 194 | 25.6 | 25.36 |

Соли 2010 дар қиёс бо соли 2008 ҳосилнокии зироатҳои ғалладонагӣ ва мева мутаносибан ба 1,5 ва 0,5 сентнер кам шуд. Ба ғайр аз ин солҳои охир тамоюли баландшавии ҳосилнокии пахта мушоҳида мешавад, аммо дар асл истеҳсоли ин навъи маҳсулот зараровар аст.

Умуман, даромаднокии сохаи пахтакорӣ тӯли даҳ соли охир хеле паст шудааст. Сабабҳои ин пастравӣ саривакт нагузаронидани чорабиниҳои агротехникӣ, норасоии сӯзишворӣ ва маводҳои молиданӣ, нуриҳои маъданӣ, техникаи кишоварзӣ, боду ҳавои номусоид ва сол аз сол паст гардидани сатҳи мелиоративии заминҳо ва зиёд шудани арзиши маводҳои истеҳсолӣ, даст кашидан аз банақшагирии марказонидашуда, татбиқи реформаи замин ва аз байн рафтани колхозҳо, суст шудани интенсификатсияи истеҳсоли кишоварзӣ ва ғайра мебошад.

Дар баробари ин ба рушди соҳаи пахтакорӣ дар ноҳия чун анъана ҳамчун ба соҳаи нақши муҳими иҷтимоӣ дошта, алалхусус дар таъмини аҳолӣ бо кори мавсимӣ дар марҳилаи ғунучини ҳосил эътибори калон медиҳанд.

Дар рушди соҳаи пахтакорӣ дар солҳои охир зиёд гаштани қарзҳои хоҷагиҳои пахтакорӣ дар назди хоҷагии об, мақомоти андоз, пасту баланд шудани нархи пахта ва чун натиҷа паст шудани даромаднокӣ ва ҳавасмандии хоҷагиҳои деҳқонӣ монеагӣ мекунанд.

Таҷрибаи хоҷагиҳои кишоварзии пешқадам нишон медиҳад, ки устувории соҳаи пахтакорӣ дар ҳолате таъмин мешавад, ки ҳосилнокии он ба 25 сентнер аз як гектар расонида шавад. Дар акси ҳол хароҷотҳои барои истеҳсоли он сарфшуда пӯшонида намешаванд ва хоҷагиҳо ба ҷои даромад, зарар мебинанд. Ғайр аз ин воқеаҳои охирини бозори пахта бори дигар исбот карданд, ки фурӯши пахта аз нархгузории бозори ҷаҳонии пахта вобастагии бевосита дорад.

Бо мақсади дастгирии рушди минбаъдаи соҳаи пахтакорӣ ва амалӣ намудани Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти рақами 586 аз 31 октябри соли 2009 дар ноҳия Барномаи рушди соҳаи пахтакорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014 татбиқ мегардад. Тибқи ин барнома ҳосилнокии майдони кишти пахта дар давоми солҳои 2011 -2015 то 25 сентнер аз як гектар расонида мешавад.

Ба ҳосилнокии зироатҳои ғалладонагӣ ва меваю сабзавот омилҳои зерин таъсир мерасонанд, ба мисоли риоя накардани қоидаҳои агротехникӣ, ноқисии оби полезӣ дар мавсими обёрикунӣ, баланд шудани арзиши қувваи барқ, набудани шаклҳои самараноки муборизаи зидди ҳашаротҳои зараррасон, тағйир ёфтани иқлим, норасоии мутахассисони соҳибтаҷриба, набудани технологияҳои муосир, норасоии тухмиҳою ниҳолҳои босифат, нархҳои баланди сӯзишворӣ, нуриҳои минералӣ, норасоии техникаи

кишоварзӣ, сифати пасти корҳои агротехники, норасоии дастгирии иттилоотиву машваратӣ.

Ба рушди соҳаи боғдорию токпарварӣ низ солҳои охир дар ноҳия аҳамияти махсус дода мешавад (аз ҷумла дар доираи барномаи мақсадноки давлатии рушди соҳаи боғу токпарварӣ ва тадриҷан зиёд намудани истеҳсоли меваю ангур ва парвариши дарахтҳои мевадиҳанда ва сояафкан дар ҶТ барои солҳои 2007-2010). Танҳо дар солҳои 2007-2010 дар хоҷагиҳои ноҳия зиёда аз 1908 га боғу токи нав шинонида шудааст, ки дар оянда барои зиёд намудани истеҳсоли меваю ангур ва инкишоф додани ин соҳа замина мегузорад.

Боғу токпарварӣ. Васеъ гаштани майдони боғоту токзор ба қонеъ гардонидани талаботи дохилии аҳолӣ ба ин гуна маҳсулот ва ҳамчунин ба бозорҳои беруна баровардани он мусоидат мекунад.

*Диаграммаи 6. Майдони боғу токзорҳо*




Майдони умумии боғот соли 2010 нисбат ба соли 2008 ба 802 га зиёд шудааст. Майдони токзор дар ин муддат 178 гектар кам шудааст. Кам шудани майдони токзор пеш аз ҳама бо сардии ҳаво дар соли 2008 ва норасоии оби полезӣ дар мавсими обёрӣ вобаста аст.

*Диаграммаи 7. Ҳаҷми умумии истеҳсоли меваву ангур дар солҳои 2009-2010. (тонна)*



*Диаграммаи 8. Ҳосилнокии меваю ангур*




Солҳои охир майдони аксар боғу токзорҳои ноҳия аз сабаби нагузаронидани чорабиниҳои агротехникӣ, бахусус коркарди кимиёвӣ ба муқобили касалиҳо ва ҳашаротҳои заррасон қариб хароб гардидааст. Сабаби асосии пастшави ҳосил паҳншавии касалиҳои гуногуни занбуруғӣ ва зиёдшавии миқдори ҳашаротҳои зараррасон мебошад.

Барои амалӣ намудани фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №683 аз 27 августи соли 2009 дар ноҳия Қарори Раиси ноҳия аз 16 ноябри соли 2009 №517 «Дар бораи табдирҳои иловагӣ доир ба рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар ноҳияи Б.Ғафуров барои соҳои 2010-2014» тасдиқ карда шудааст. Мувофиқи ин тадбирҳо дар давоми солҳои 2010-2014 бунёд ва барқарори боғу токзорҳо дар майдони 3335 гектар пешбинӣ шудааст.

Яке аз самтҳои афзалиятноки рушди соҳа ҷорӣ кардани шаклҳои нави истеҳсолот, коркарди маҳсулот ва истифодаи технологияҳои муосир мебошад. Ҷорӣ кардани хушккунакҳои офтобӣ дар ҷараёни хушконидани меваҳо, аз ҷумла зардолу ба рушди соҳа ва муҳайё сохтани ҷойҳои нави корӣ мусоидат мекунад. Чунин таҷриба алҳол дар дигар манотиқи вилояти Суғд, ба монанди ноҳияи Ҷ. Расулов, Спитамен ва дигарҳо бомуваффақият истифода бурда мешавад. Ҳамчунин, сохтмони гармхонаҳои каммасрафи энергитикӣ метавонад яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолият гардад, ки ҳосилнокиро баланд бардошта рушди иқтисодии ноҳияро таъмин менамояд. Истифодаи ин шаклҳо имконият медиҳад, ки хароҷоти гармкунии гармхонаҳо тавассути ангишту ҳезум то 60% кам карда шавад.

**Системаи обёрӣ.** Барои танзими масъалаҳои обёрикунӣ дар ҳудуди ноҳия Идораи давлатии хоҷагии оби ноҳияи Б.Ғафуров ва канали «Хоҷабоқиргон» масъул аст.

Майдони заминҳои корами обӣ дар ноҳия 32683 гектарро ташкил мекунад, ки 86% онҳо тавассути пойгоҳҳои обкашӣ обёрӣ карда мешаванд.

Ҳолати заминҳои обӣ сол аз сол бо сабаби нокифоя будани маблағгузорӣ ва суст шудани чорабиниҳои мелиоративӣ бад шуда истодааст.

*Ҷадвали 7: Ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда (га) аз рӯи сатҳи обҳои зеризаминӣ ва шӯршавӣ*

| Нишондодҳо | Воҳиди ченак | Миқдор |
|---|---|---|
| Хуб | Га | 24846 |
| Қаноатбахш | Га | 3354 |
| Ғайриқаноатбахш | Га | 4483 |

Чорабиниҳои беҳгардонии ҳолати мелиоративии 4960 га заминҳо дар солҳои 2010-2014 дар доираи Қарори Ҳукумати ҶТ аз 31 октябри соли 2009 №612 «Дар бораи чорабиниҳои беҳгардонии ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ дар солҳои 2010-2014» ба нақша гирифта мешаванд. Дар тӯли 5 моҳи соли ҷорӣ дар ҳаҷми 51 ҳазор метри мукааб ба маблағи 239,3 ҳазор сомонӣ заҳбурҳои байнихоҷагӣ тоза карда шуда, ба маблағи 33,9 ҳазор сомонӣ чоҳҳои мелиоративӣ аз таъмир баровара шуданд, ки ҳолати 384 гектар заминҳоро беҳтар гардонид.

Бад шудани ҳолати заминҳои обӣ бо баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ вобаста аст. Сабабҳои асосии баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ инҳоянд:

Ҳолати ғайриқаноатбахши шабакаҳои коллектории заҳбурҳо (КДС), ҳам байниҳоҷагӣ ва ҳам дохилихоҷагӣ. Аз 414,89 км КДС қариб 20% дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор доранд, алалхусус КДС-ҳои дохили хоҷагӣ;

Дар ҳолати ғайри қаноатбахш қарор доштани чоҳҳои амудии обкашӣ (аз 193 чунин чоҳҳо ҳамагӣ 100 адад ё 51-52% коршоям мебошанд, вале бо сабаби норасоии қувваи барқ онҳо танҳо 8 соат дар як шабонарӯз кор мекунанд).

Илова бар ин дар ноҳия талафоти калони об мушоҳида мегардад. Аз рӯи маълумоти расмии хоҷагии об, талафоти об 22% ҳаҷми умумии онро ташкил медиҳад.

20% канали Калони Фарғона, ки аз ҳудуди ноҳия мегузарад бетонӣ кунонида нашудааст. Шабакаҳои обёрикунии дохили хоҷагӣ бошад, асосан заминӣ мебошанд, ки боиси талафоти зиёди об ва баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ ва шӯршавии заминҳо мегардад. Ҳамчунин 0,2 км канали Хоҷабақирғон ва 0,2 км канали нави Қистақӯзро бетонпӯш кунонидан лозим аст. 0,8 км канали Анҳор ба таъмири асосӣ ва барқароркунӣ эҳтиёҷ дорад, ки зери таъсири сардии сахти зимистони соли 2007 ях зада, хароб гашта буд. Барои беҳгардонии ҳолати мелиоративӣ ва паст намудани шӯрнокии зиёда аз 3 ҳазор гектар замин бо назардошти қитъаҳои наздиҳавлигии ҷамоатҳои Унҷӣ, Ғозиён, Ёва зарурати сохтмони сарбанди иловагӣ дар қисми поёнии сойи Хоҷабақирғон вуҷуд дорад.

Азхудкунии заминҳо аз ҷониби хоҷагиҳои ноҳияи Лайлаки Ҷуҳурии Қирғизистон, ки дар қисмати ҷануби шарқии ҳудуди ноҳияи Б.Ғафуров воқеъ мебошанд бе риояи меъёрҳои сохтмони шабакаҳои заҳбур ҷараён гирифта буд, ки сабаби ботлоқшавии заминҳои наздисарҳадии ноҳия шуда истодааст. Аз 15 чоҳҳои обкашии амудӣ алҳол ягонтоаш кор намекунад.

Соли 2010 125 адад дастгоҳҳои обкашии 35 пойгоҳҳои обкашӣ аз таъмир баровар-да шуд. 60,0 ҳазор метри мукааб каналҳои байнихоҷагӣ ва 92 ҳазор метри мукааб заҳбурҳои байнихоҷагӣ тоза карда шуд.

Дар айни ҳол дар ноҳия 7 Ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об (АИО) фаъолият мебаранд, ки дар самти идоракунии тақсимоти об дар байни хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ҷамъоварии пардохти хаққи таъминоти истифодабарандагон об машғуланд. Ба андешаи мутахассисиони маҳаллӣ фаъолияти АИО дуруст ба роҳ монда нашудааст ва бо сабаби норасоии маблағ барои сохтмони иншоотҳои обтақсимкунӣ ва дар заминаи ин қарздории ХД дар назди АИО, набудани ченкунаҳо ба талаботҳо ҷавобгӯ намебошад.

Соли 2010 ба хоҷагиҳо ва аҳолӣ ба маблағи 7990,5 ҳазор сомонӣ хизматҳои обтаъминкунӣ расонида шудааст, аз ин танҳо 4154,7 ҳазор сомонӣ (52%) маблағ пардохт шудаасту халос.

Мушкилоти дигар ин кӯҳнаву фарсуда гаштани агрегатҳо ва қубурҳои обгузар мебошад. Ҳолати пойгоҳи обкаши шиновари (понтон) Сомғор-1, пойгоҳҳои обкашии Сомғор-2, Сомғор-3, Қизил-Тӯқай – 2, Акташ – 1,2,3,0 ва Унҷӣ -1,2 дар ҳолати ногувор қарор дорад. Ҳамчунин қубурҳои обгузари пойгоҳҳои обкашии Хоҷабоқирғон – 3, Қизил Тӯқай – 1, канали калони Фарғона – Катағанро ба иваз куни зарурат дорад.

**Чорводорӣ.**

Истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти чорводорӣ, аз ҷумла гӯшт, шир, тухм, пашм ва асал дар соли 2010 нисбати соли 2007 афзудааст, чунончи: гӯшт ба 13,9 %, ва шир - 15,6%.

*Ҷадвали 8: Истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ*

| Номгӯи маҳсулот | Воҳид ченак | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|---|---|
| Гӯшт | тн | 5310 | 6090 | 6160 | 6170 |
| Шир | тн | 28100 | 30160 | 30270 | 30280 |
| Тухм | Млн.дона | 5,12 | 6,63 | 11,07 | 15,3 |

Вале маҳсулнокии шир ба ҳар сари чорво қариб 1,5 баробар кам шудааст. Афзоиши ҳаҷми маҳсулот ба зиёд шудани саршумори чорво вобаста аст.

*Ҷадвали 9: Саршумори чорво дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ (сар)*

| Нишондиҳандаҳо | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|---|
| Моли калони шохдор | 54300 | 58680 | 58790 | 58790 |
| Аз ҷумла Саршумори модагов | 23100 | 24490 | 24530 | 24570 |
| Моли майдаи шохдор | 154900 | 162480 | 162660 | 165950 |
| Парранда (ҳазор сар) | 122,5 | 166,9 | 232,7 | 292,1 |
| Асп | - | - | - | 1056 |
| Занбӯри асал | - | - | - | 6000 |

Дар ноҳия ба рушди соҳаи чорводорӣ аҳамияти махсус дода шуда, якчанд барномаҳо амалӣ карда мешаванд, аз ҷумла:

- ✓ Барномаи рушди соҳаи зотпарварӣ ва хушзоткунии чорво дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солхои 2008-2015 дар ноҳияи Б.Ғафуров (асосаш қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 1.10.2007 сол таҳти №501), ки ба зиёдшавии саршумори чорво нигаронида шудааст. Дар доираи барнома ташкили нуқтаҳои бордоркунии сунъии чорво ар назар дошта шудааст.
- ✓ Барномаи рушди соҳаи аспарварӣ дар ноҳия барои солҳои 2009-2016», ки соли 2009 ба тасвиб расидааст (дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.12.2008 сол таҳти №662 )
- ✓ «Барномаи рушди соҳаи паррандапарварӣ дар ноҳия барои солҳои 2009-2015» (дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.10.2006 сол таҳти №451).
- ✓ Барномаи рушди соҳаи моҳипарварӣ дар ҶТ дар солҳои 2009-2015», ки соли 2008 тасдиқ шудааст (дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №306 аз 2.07.2008 сол). Ҷамоати Қистакӯз маркази соҳаи моҳипарварии ноҳия маҳсуб ёфта, дар ҳудуди он хоҷагии деҳқони моҳипарварии «Ҳақ» фаъолият мебарад.
- ✓ Барномаи рушди соҳаи занбӯрпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солхои 2011-2016» (дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2.09.2010 сол таҳти №418).
- ✓ Барномаи беҳтар намудани ҳолат ва самаранок истифода бурдани чарогоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015» (Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.10.2008 сол таҳти №481).



Мушкилоти асосии соҳаи чорводорӣ:

- Набудани маводи босифати бордоркунии сунъӣ ва чорвои зотӣ;
- Норасоии заминҳои кишти хӯроки чорво, техникаи ғунучини хӯроки чорво,
- Сарфакорона истифода набурдани чарогоҳҳо;
- Вуҷуд надоштани нуқтаҳои коркарди маҳсулоти чорводорӣ дар маҳал (шир, пашму пӯст);

– Сатҳи пасти таҷрибаи мутахассисон дар соҳаи аспарварӣ;
– Сатҳи пасти модернизатсиякунонии соҳаи моҳипарварӣ.

**Соҳаи бойторӣ.** Дар ноҳияи Б.Ғафуров фақат дар сохтори шахсӣ дар айни ҳол 52000 сар чорвои калони шохдор, аз ҷумла 23000 сар модагов, 183000 сар чорвои майдаи шохдор, 300000 сар парранда, 2000 сар хар, 500 сар асп нигоҳ дошта мешавад. Барои хизмат расонидан ба чунин саршумори ҳайвонот мувофиқи меъёрҳои бойторию санитарӣ 60 мутахассиси соҳаи бойтории дорои маълумоти олӣ ва 60 фелдшери бойторӣ лозим аст. Дар айни замон дар ноҳия ҳамагӣ 30 мутахассис кор мекунад, ки 25% талаботро қонеъ мегардонад.

Таъминоти техникии соҳаи бойторӣ дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор дорад. Музди миёнаи кормандони соҳаи бойторӣ ҳамагӣ 150 сомониро ташкил медиҳад ва дигар ягон намуди ҳавасмандкунӣ мавҷуд нест.

Ҷиҳати сари вақт пешгирӣ намудани ҳайвонот аз касалиҳои сирояткунанда ва талафот, бояд ҳамасола ташхиси ҳайвонот оиди касалии сил ва бруселлез, эмкунии чорво зиддӣ оқсил (ящур) 2 маротиба дар як сол, сӯхтанӣ (захми сибирӣ) як маротиба, пучаки эмфизематозӣ 2 маротиба, нағзаки (оспа) гӯсфанд 1 маротиба, хории (бешенство) сагу гурба 1 маротиба, пешгирии тейлериози чорвои калони шохдор дар мавсими баҳору тобистон гузаронидан лозим аст.

Барои амалӣ намудани эмкунии моли калону майдаи шохдор бар зидди бемории оқсил 574 ҳазор сомонӣ зарур мебошад.

Дар ноҳия зарурати ташкил намудани нуқтаҳои махсус барои забҳи чорво ба миён омадааст. Аз рӯи маълумотҳо ба ҳисоби миёна дар ноҳия ҳамарӯза 75 сар чорво забҳ карда мешавад.

Барои беҳтаргардонии хизматрасонии бойторӣ дар сектори хусусӣ оиди бордоркунии сунъӣ, таъминот бо дорувории бар зидди бемориҳои чорво ва гузаронидани корҳои солимгардонӣ ва профилактикӣ, дар айни ҳол ташкил намудани 6 нуқтаҳои бойторӣ бо дарназардошти меъёрҳои стандартӣ ва муҷаҳҳаз гардонидани онҳо бо технологияи замонавӣ мувофиқи мақсад мебошад, ки он барои ташкили 1 нуқта 50 ҳазор сомонӣ маблағро талаб менамояд.

Мувофиқи нишондиҳандаҳои овардашудаи дурнамо зиёдшавии ҳаҷми умумии истеҳсолоти кишоварзӣ дар соли 2015 нисбат ба нишондиҳандаҳои соли 2011 (439901 ҳазор сомонӣ) ба 17,6% дар назар аст. Аз ҷумла, растанипарварӣ – 22,2% аз ҳисоби итенсификатсияи истеҳсолот (кам кардани ҳаҷми заминҳо корам ва зиёд намудани ҳосилнокӣ) ва 10,0% чорводорӣ.

*Ҷадвали 10. Дурнамои зиёдшавии ҳаҷми истеҳсолоти кишоварзӣ дар н. Б. Ғафуров дар с. 2011-2015 (бо ифодаи пулӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | | с.2015 бо% нисбат ба с. 2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с. 2013 | с. 2014 | с. 2015 | |
| Ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ - ҳамагӣ | 374091 | 413815 | 426167 | 432386 | 439901 | 117,6 |
| Аз ҷумла: | | | | | | |
| растанипарварӣ | 231980 | 264599 | 275033 | 277505 | 283518 | 122,2 |
| чорводорӣ | 142111 | 149217 | 151134 | 154881 | 156383 | 110,0 |

*Ҷадвали 11. Дурнамои рушди соҳаи кишоварзӣ дар н.Б. Ғафуров дар с. 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с. 2011 ҳисобот | с. 2012 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | | с.2015 бо% нисбат ба с. 2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с. 2013 | с. 2014 | с. 2015 | |
| Хоҷагиҳои ҳамаи намудани моликият | | | | | | |
| Замини кишт – ҳамагӣ, ҳаз. га | 29,9 | 29,3 | 29,3 | 29,3 | 29,3 | 98,0 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Аз ҷумла обёришаванда | 24,8 | 24,3 | 24,3 | 24,3 | 24,3 | 98,0 |
| Сохтори заминҳои кишт аз рӯи зироатҳо | 28,5 | 27,7 | 27,7 | 27,7 | 27,9 | 97,6 |
| ғалладонагиҳо - ҳаз.га | 7,9 | 8 | 8 | 8 | 8 | 101,3 |
| Аз ҷумла гандум – ҳаз. га | 3 | 3,1 | 3,1 | 3,2 | 3,2 | 106,7 |
| пахта - ҳаз. га | 10,8 | 10,8 | 10,8 | 10,8 | 10,8 | 100,0 |
| Картошка - ҳаз. га | 0,34 | 0,35 | 0,35 | 0,35 | 0,35 | 102,9 |
| сабзавот - ҳаз.га | 3,2 | 3,3 | 3,3 | 3,3 | 3,3 | 103,1 |
| Полезӣ - ҳаз. га | 0,5 | 0,4 | 0,4 | 0,4 | 0,5 | 100,0 |
| тухмиҳо – ҳаз. га | | | | | | |
| Хӯроки чорво - ҳаз. га | 5,7 | 4,6 | 4,6 | 4,6 | 4,7 | 82,5 |
| Майдони боғи мевадиҳанда - ҳаз. га | 5,1 | 5,1 | 5,1 | 5,1 | 5,2 | 102,0 |
| Майдони токзори мевадиҳанда – ҳаз.га | 3 | 3 | 3 | 3 | 3 | 100,0 |
| Ҳосилнокии зироатҳо | | | | | | |
| ғалладонагиҳо – с/га | 26,6 | 28,8 | 31,3 | 32 | 33 | 124,1 |
| Аз ҷумла гандум - с/га | 19,4 | 21,9 | 23,0 | 24,0 | 25,0 | 128,9 |
| пахта - с\га | 18,1 | 18,2 | 18,3 | 18,4 | 18,5 | 102,2 |
| Картошка - с\га | 236,0 | 236,0 | 240,0 | 241,0 | 245,0 | 103,8 |
| Сабзавот - с/га | 211,0 | 215,0 | 220,0 | 225,0 | 230,0 | 109,0 |
| полезиҳо - с\га | 115,0 | 115,0 | 120,0 | 125,0 | 130,0 | 113,0 |
| меваҷот - с\га | 26,7 | 27,6 | 28,2 | 28,4 | 28,5 | 106,6 |
| ангур - с\га | 35,0 | 41,7 | 43,0 | 43,3 | 44,0 | 125,7 |
| Истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ бо ифодаи натуралӣ (аслӣ) | | | | | | |
| ғалладонагиҳо – ҳаз. тн. | 18,7 | 23 | 25 | 25,5 | 26 | 139,0 |
| Аз ҷумла гандум – ҳаз. тн. | 4 | 6,8 | 7 | 7,2 | 7,5 | 187,5 |
| Нахи пахта - ҳаз. тн. | 18,3 | 18,6 | 19,8 | 19,9 | 20 | 109,3 |
| Тамоку – тонна | | | | | | |
| Картошка - ҳаз. тн. | 8,2 | 10,15 | 10,2 | 10,2 | 10,2 | 124,4 |
| сабзавот - ҳаз. тн. | 70,4 | 71 | 73 | 74 | 77 | 109,4 |
| полезиҳо - ҳаз. тн тыс. т | 7,6 | 7,6 | 7,7 | 7,7 | 7,8 | 102,6 |
Аз соли 2008 дар ҷамоатҳои Ғозиён ва шаҳраки Ғафуров равияи экологии ҷавонони Тоҷикистон «Патрули Сабз» амал мекунад. Дар мактабҳои ноҳия имконияти васеъ намудани таҷрибаи ташкили «Патрули Сабз», ҳавасмандкунӣ ва рушди ин гуна равиши ҷавонон мавҷуд аст, ки дар ноҳия талаботи барои тайёр намудани кадрҳои ҷавон бо маълумоти экологӣ мавҷуд мебошад. Чунин ташаббус барои рушди туризми экологӣ дар ҳудуди обанбори Қайроққум ва беҳтар кардани ҳолати экологии ноҳия саҳми худро бояд гузошт.

**Маълумоти миёнаи махсус.** Дар нохия як адад ОКТ № 75 амал менамояд. Ин муассисаи таълимӣ аз рӯи касбу ихтисоси зерин мутахассисонро тайёр мекунад: кафшергари газу барқ, ронанда-челонгар, дӯзанда, ронандаи трактор. Ғайр аз он дар омӯзишгоҳ курсҳои кӯтоҳмуддати тайёр кардани ронандаҳо аз рӯи категорияҳои «В» ва «С» ба роҳ монда шудааст. ОКТ-75 базаи хуби моддӣ-техникӣ ва китобхонаи дорои 3389 нусха адабиёти таълимии техникӣ мебошад. Алҳол дар ОКТ 220 нафар талаба таҳсил мекунад.

Ҳайати муҳандисӣ-омӯзгории ОКТ аз 43 нафар иборат аст. Баъд аз хатми омӯзишгоҳ талабагон дипломи Вазорати маорифи ҶТ-ро мегиранд. Аз сабаби дар ҷамоати Қистакӯз қарор доштани омӯзишгоҳи мазкур аз хизмати он бошандагони ҷамоатҳои Унҷӣ, Ҳ.Усмон, Ёва, Ғозиён бо сабаби вуҷуд надоштани хобгоҳ ва дурии роҳ бархӯрдор шуда наметавонанд.

Дурнамо. Бо назардошти рушди миёнасолии аҳолии ноҳия дар соли 2015 нисбати нишондодҳои соли 2011 зиёдшавии шумораи бачагони синни томактабӣ ба 17,8% (52601 нафар) ва фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ аз 6,4% то 6% аз шумораи умумӣ дар назар дошта шудааст.

Дар доираи дурнамо то соли 2015 ташкили 265 ҷойи иловагӣ дар муассисаҳои томактабӣ ба нақша гирифта шуда, микдори бачагони синни мактабӣ ба 4,4% (ба 2760 нафар) меафзоянд.

*Ҷадвали 22. Дурнамои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ноҳия дар с. 2011- 2015*

| Нишондиҳандаҳо | с. 2011 ҳисобот | с. 2012 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | | с. 2015 бо% нисбат ба с. 2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с. 2013 | с. 2014 | с. 2015 | |
| Шумораи бачагон дар муассисаҳои таълими томактабӣ новобаста аз шакли моликият (нафар) | 2814 | 2884 | 3028 | 3090 | 3160 | 112,0 |
| Шумораи бачагони синни томактабӣ | 44651 | 47653 | 50096 | 51800 | 52601 | 117,8 |
| Шумораи бачагони синни мактабӣ | 62266 | 62653 | 62935 | 64382 | 65026 | 104,4 |
| Шумораи ҷойҳо дар муассисаҳои таълими томактабӣ (ҷойи нишаст) | 2857 | 2914 | 3001 | 3061 | 3122 | 109,3 |
| Шумораи бачагон дар муассисаҳои таълими умумӣ – ҳамагӣ, нафар | 59142 | 59529 | 59811 | 61466 | 63607 | 107,5 |
| Аз ҷумла дар муассисаҳои таълими умумии рӯзона | 59142 | 59529 | 59811 | 61466 | 63607 | 107,5 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Аз ҷумла - шахсӣ | 600 | 600 | 600 | 600 | 600 | 100,0 |
| - гимназияҳо | 2602 | 2626 | 2650 | 2674 | 2698 | 103,6 |
| Аз ҷумла - шахсӣ | 961 | 985 | 1009 | 1033 | 1057 | 109,9 |
| Шумораи таълимгирандагони басти якӯм дар муассисаҳои таълими умумии рӯзона (нафар) | 35913 | 36663 | 37413 | 37913 | 38413 | 106,9 |
| Шумораи муаллимон дар муассисаҳои таълими умумии рӯзона (нафар) | 3923 | 3941 | 3961 | 4001 | 4041 | 103,0 |
| Шумораи муаллимон дар муассисаҳои таълими умумии шабона | | | | | | |
| Таъминот: | | | | | | |
| Бо муассисаҳои таълими томактабӣ ба 1000 нафар бачагони синни томактабӣ (ҷой) | 1015 | 1010 | 991 | 990 | 988 | 97,3 |
| Бо муассисаҳои таълими мактабӣ ба 1000 нафар бачагон (ҷой) | 607 | 615 | 625 | 616 | 603 | 99,0 |

### 2.2.2. Тандурустӣ

Фаъолият дар соҳаи тандурустӣ ба беҳбуди саломатии аҳолӣ нигаронида шудааст. Дар айни замон мутобиқи принсипҳои қабулгардидаи СМР/СПКСК мақсади асосии соҳаи тандурустӣ дар давраи миёнамӯхлат аз мунтазам паст кардани сатҳи фавти модару кӯдак, боз доштани паҳншавии бемории СПИД, аз байн бурдани бемориҳои тропикӣ, кам кардани мушкилот вобаста ба бемориҳои сироятӣ, инчунин аз байн бурдани баъзе сироятҳои (инфексияҳои) бо ваксина идорашаванда иборат мебошад.

Саломатии модар ва кӯдак. Тибқи маълумоти мавҷудаи ба 01.04.2011, дар ноҳияи Б.Ғафуров шумораи занони синни қобили таваллуд 86602 нафар мебошанд. Тӯли се соли охир аз 1 ҳодисаи фавти модар дар соли 2008 то 2 ҳодиса дар соли 2010 ба қайд гирифта шудааст. Ҳамчунин ҳамасола шумораи таваллуд дар шароити хона афзуда истодааст.

*Ҷадвали 23. Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ ва хона, сатҳи фавти модар*

| Нишондод | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ таваллуд | 7507 | 8279 | 8825 |
| Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ | 7471 | 8238 | 8777 |
| Бо фоиз | 99,53% | 99,51% | 99,46% |
| Таваллуд дар хона | 36 | 41 | 48 |
| Бо фоиз | 0,47% | 0,49% | 0,54 |
| Фавти модар (шумора/ ба 100 ҳаз. з/т) | 1/13,3 | 2/24,1 | 2/22,6 |

Таҳлил нишон дод, ки дар солҳои охир сатҳи фавти модар тамоюли манфи ба худ касб кардааст (нигаред ба Ҷадвали 1), ки натиҷаи пастшавии индекси саломатии модар, алалхусус дар минтақаҳои дурдасти ноҳия мебошад (аммо нишондодҳо бо ифодаи коэффитсиент нисбати рақамҳои умумиҷумҳуриявӣ то андозае паст мебошанд).

Байни бемориҳои занона бемориҳои экстрагениталии модарон, бемориҳои гурда, камхунӣ, норасоии йод), бемориҳои системаи дилу рагҳо, роҳи нафас сершумор мебошанд, ки натиҷаи сатҳи пасти воқифии занон оиди пешгирии бемориҳо, сари вакт ба муассисаҳои табобатӣ муроҷиат накардани онҳо, риоя накардани фосилаи байни таваллуд ва таваллуд дар шароити хона, паст будани сатҳи дониши коркунони тиб оиди усулҳои муосири ташхис ва табобати занҳои қобили таваллуд, норасоии дорувории ройгон, сатҳи пасти зиндагӣ ва нархи баланди маводи табобатӣ, сатҳи пасти базаи моддӣ-техникии муассисаҳои табобатӣ-профилактикӣ мебошад.

Дар натиҷаи таҳлил муайян мешавад, ки нишондоди таваллуд дар хона баробари ҷараёни таваллуд зиёд шуда истодааст. Ин ҳолат бештар дар минтақаҳои дурдаст ва кӯҳии ноҳия ба назар мерасад.

Дар ноҳия маркази саломатии репродуктивӣ амал мекунад, ки дастгирии асосии пешгирии ҳомиладорӣ ба занҳои қобили таваллуд таъмин менамояд, лекин проблемаи ин марказ дар нокифоягии фарогирии занон бо контрасептивҳо мебошад, ки дар натиҷаи сатҳи пасти воқифии занон ва зиёд будани муҳоҷирати меҳнатӣ ба вуҷуд меояд.

*Ҷадвали 24. Динамикаи ҳолати норасоии оҳан ва йод дар байни занони таваллудкарда*

| Нишондод/сол | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|
| Шумораи занони таваллудкарда | 7507 | 8279 | 8825 |
| Камхунӣ | 2629 | 2812 | 3074 |
| бо % | 35% | 34% | 34,8% |
| Ҳолати норасоии йод | 1601 | 1269 | 911 |
| бо % | 21,3% | 15,3% | 10,3 |
| Касалиҳои дилу рагҳо | 171 | 300 | 204 |
| бо % | 2,7 | 3,6 | 2,3 |
| Касалиҳои шуш | 34 | 15 | 58 |
| бо % | 0,45 | 0,1 | 0,6 |
| Касалиҳои гурда | 294 | 270 | 354 |
| бо % | 3,9 | 3,2 | 4 |
| Касалиҳои ҷигар | 4 | 48 | 9 |
| бо % | 0,05 | 0,5 | 0,1 |

Солҳои охир баландшавии фавти навзодон ва кӯдакон мушоҳида карда мешавад. Мувофиқи маълумоти расмӣ, дар соли 2010 фавти навзодон нисбати соли 2008 ба 10% зиёд шудааст. Сабаби асосии ин ҳолат дар мавҷудияти нуқсонҳои модарзодӣ, шикастубандӣ дар вақти таваллуд, исҳоли хунин, касалиҳои шадиди роҳи нафас мебошад.

Нишондоди фавти кӯдакон дар соли 2010 нисбати соли 2008 7% ташкил дод. Байни бемориҳои кӯдакона касалиҳои шадиди роҳи нафас, исҳоли хунин, гипотрофия, камхунӣ ва сурхакон бисёртар мушоҳида карда мешаванд.

*Ҷадвали 25. Динамикаи фавти навзод ва кӯдакони то синни 5 сола*

| Нишондод/сол | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ таваллуд | 7507 | 8279 | 8825 |
| Фавти кӯдакони то 5 сола ба 1000 нафар зинда таваллудшудагон (шумора) | 109/14,5 | 113/13,6 | 117/13,2 |
| Тағйирот бо % | - | 4% | 7% |
| Фавти кӯдакони то 1 сола ба 1000 нафар зинда таваллудшудагон (шумора) | 94/12.52 | 100/12,07 | 103/11,67 |
| Тағйирот бо % | - | 6% | 10% |

Тамоюли паҳншавии бемориҳои сироятӣ. Солҳои охир дар ноҳия афзоиши бемориҳои сироятии гепатити А ва ВИЧ\СПИД ба назар мерасад.

*Ҷадвали 26: Суръати афзоиши баъзе бемориҳои сироятӣ (шумораи мутлақ)*

| Бемориҳои сироятӣ | 2008 | 2009 | 2010 | Соли 2010 нисбат ба соли 2008 (бо %) |
|---|---|---|---|---|
| Сил | 124 | 115 | 121 | - 2,5% |
| (ба 100 ҳаз. аҳолӣ) | 41,3 | 37,5 | 39 | - 2,3 |
| ВИЧ/СПИД | 30 | 34 | 44 | 46% |
| (ба 100 ҳаз. аҳолӣ) | 10 | 11 | 14,1 | 4,1 |
| Зардпарвини А | 348 | 393 | 763 | 119% |
| (ба 100 ҳаз. аҳолӣ) | 116 | 128 | 246 | 130 |

Сабаби асосии афзоиши беморини сироятии сил сари вақт ташхис нагардидани беморон, махсусан дар оилаҳое, ки ба хизматрасонии тиббӣ дастнорасанд (аз ҷумла дар маҳбусхонаҳо) ва сатҳи пасти маърифатнокии аҳолӣ дар бораи сабабҳои паҳншавии он мебошанд. Дар ҳудуди ноҳия новобаста аз он, ки барномаи DOTS фаъолият дорад ва дар доираи он беморони сил, муолиҷаи комплексии ройгон пешниҳод мегардад, мутассифона афзоиши теъдоди бемориҳои сил ба назар мерасад.

Сабаби асосии афзоиши бемории сироятии ВИЧ/СПИД сатҳи пасти маърифатнокии аҳолӣ дар бораи сабабҳои паҳншавии он ва сари вақт ташхис нагардидани беморон мебошад. ВИЧ\СПИД асосан дар байни ҷавонон ва муҳоҷирони меҳнатӣ паҳн шудааст.

Дар шаҳракҳое, ки дар соҳили обанбори Қайраққум ҷойгир шудаанд, дар натиҷаи баланд шудани обҳои зеризаминӣ ва ботлоқзор шудани минтақа ҳолатҳои бемории зардпарвини вирусӣ 6 маротиба (ҷамоати Исфисор) ва ҳолатҳои бемориҳои шадиди рӯдаву меда 1,6 маротиба хуруҷ ёфтааст. Дар ин минтақа теъдоди беморони гирифтори зардпарвини «В» ва «С» ва захмиҳои кирми рӯда 4 маротиба зиёд шудааст.

Яке аз масъалаҳои ҷиддӣ дар ноҳия ҳодисаҳои газидани одамон аз ҷониби сагҳои бесоҳиб мебошад. Тӯли солҳои 2008-2010 дар ноҳия 600 чунин ҳодиса ба қайд гирифта шудааст. Дар тӯли се соли охир дар натиҷаи саггазӣ ҳодисаҳои фавт ё ҳорӣ (бешенство) ба қайд гирифта нашудааст.

Дигар бемориҳо. Дар ноҳия аз байни бемориҳои ғайрисироятӣ бемориҳои шадиди роҳи нафас паҳн шудаанд.

Солҳои охир афзоиши бемории саратон, махсусан дар байни ҷавонон мушоҳида мегардад, ки ҳолати экологии муҳити атроф низ ба ин таъсир мерасонад. Партовҳои заҳролуди маҳфузгоҳи заводи Чкаловск «Востокредмет», ки дар ҳудуди ҷамоати Ғозиён дар минтақаи Руҳак ҷойгир аст, сабаби сатҳи баланди радиатсия мегардад, ки дар навбати худ ба афзудани теъдоди бемориҳои саратон таъсир мерасонад.

Сабаби афзоиши теъдоди гирифтории бачагон ба бемориҳои кирми рӯда ин паст будани сифати оби нӯшоки, шароити ғайриқаноатбахши санитарӣ, паст будани маълумотнокӣ айоли оидии пешгирии ин беморӣ мебошад.

Солимии рӯҳии аҳолӣ яке аз мушкилоти муҳими имрӯза ба ҳисоб меравад, зеро ҳодисаҳои ҳудкушӣ дар байни аҳолӣ, баҳусус ҷавонон зиёд шудааст. Танҳо дар соли 2010 дар ноҳия 59 ҳодисаи худкушӣ ба қайд гирифта шудааст, аз ҷумла 19 зан, 34 мард ва 6 нафар ноболиғ.

Инфрасохтори соҳаи тандурустӣ. Дар ҳудуди ноҳия 105 адад муассисаи тиббӣ фаъолият мебаранд, аз он ҷумла:

- ✓ 12 муассисаҳои бистарикунонӣ (3 Беморхонаи минтақавии деҳотӣ, 7 Беморхонаи ноҳиявии рақамӣ, 1 беморхонаи касалиҳои рӯҳӣ ва 1 беморхонаи марказӣ);
- ✓ 83 муассисахои КАТС (аз он ҷумла 30 маркази саломатии деҳот, 52 хонаи саломатӣ ва 1 Маркази саломатии ноҳиявӣ);
- ✓ 1 стансия ва 11 шӯъбаи ёрии таъҷилии тиббӣ;
- ✓ 10 маркази махсусгардонидашуда;
- ✓ Маркази назорати давлатии санитариву эпидемиологии ноҳия.

Ҳамагӣ дар ноҳия 1041 кат мавҷуд буда, таъминот бо катҳо ба 1000 нафар аҳолӣ 3,2-ро ташкил медиҳад. Дар муассисаҳои ноҳия дар соли 2010 447 нафар духтурон ва 1310 нафар кормандони миёнаи тиб фаъолият мебурданд. Таъминот бо духтурон ба 10 000 нафар аҳолӣ 14,4 нафарро ташкил медиҳад. Таъминот бо кормандони миёнаи соҳаи тиб ба 10 000 нафар аҳолӣ 42,2 нафарро дар бар мегирад, ки ин нишондод дар миқёси вилоят 52,1 нафарро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали 27. Сатҳи маълумотнокии кормандони КАТС-и ноҳия*

| Муассисаҳо | Шумораи кормандон | Маълумоти миёнаи махсус | Маълумоти олӣ |
|---|---|---|---|
| Муассисаҳои КАТС | 1254 | 606 | 253 |
| Бо (%) | - | 48,3% | 20,1% |
| Хадамоти бистарикунонӣ | 1149 | 704 | 194 |
| Бо (%) | - | 61,2% | 16,8% |

*Ҷадвали 28. Дурнамои рушди соҳаи Тандурустӣ дар с. 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с. 2011 ҳисобот | с. 2012 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | | с. 2015 бо% нисбат ба с. 2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с. 2013 | с. 2014 | с. 2015 | |
| Шумораи катҳо | 1041 | 1081 | 1188 | 1206 | 1224 | 117,6 |
| Иқтидори муассисаҳои КАТС (муроҷиат дар як баст) | 2980 | 3020 | 3050 | 3080 | 3110 | 104,4 |
| миқдори муассисаҳои тиббӣ (адад) | 105 | 104 | 104 | 105 | 106 | 101,0 |
| миқдори хонаҳои саломатӣ (адад) | 52 | 50 | 49 | 48 | 48 | 92,3 |
| - клиникаи шахсӣ (беморхона) | 4 | 4 | 4 | 5 | 6 | 150,0 |
| -миқдори амбулатория ва клиникаи шахсӣ | 4 | 4 | 5 | 6 | 7 | 175,0 |
| Шумораи кадрҳои тиб (нафар) | 2310 | 2330 | 2360 | 2390 | 2420 | 104,8 |
| Аз ҷумла: | | | | | | |
| пизишкон | 430 | 440 | 450 | 460 | 470 | 109,3 |
| коркунони миёнаи тиб | 1400 | 1410 | 1430 | 1450 | 1470 | 105,0 |
| Таъминот ба 10 ҳаз. Аҳолӣ | | | | | | |
| бо кати беморӣ (кат) | 32 | 33 | 36 | 36 | 36 | 112,5 |
| бо пизишкон (нафар) | 13,4 | 13,5 | 13,6 | 13,7 | 13,8 | 102,9 |
| коркунони миёнаи тиб (нафар) | 43,7 | 43,3 | 43,3 | 43,2 | 43,2 | 98,8 |
| амбулатория ва клиника (муроҷиат дар як баст) | 2980 | 3020 | 3050 | 3080 | 3110 | 104,4 |

Мушкилоти асосӣ. Муассисаҳои тиббии ноҳия дар шароити норасоии маблағгузорӣ, таҷҳизоту биноҳои фарсудаву қӯхнашуда кор мекунанд, биноҳои муассисаҳои КАТС ба таъмир ва азнавсозӣ эҳтиёҷ доранд, доруворӣ ва лавозимоти заминавии тиббӣ намерасад, маоши кормандон дар сатҳи паст қарор дорад.

### 2.2.3. Ҳифзи иҷтимоӣ

Системаи таъминоти нафақа, шуғли аҳолӣ, муҳоҷират, расонидани кӯмаки сӯроғавии иҷтимоӣ ба табақаҳои осебпазир ва камбизот самтҳои асосии соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ мебошанд.

**Бекорӣ.** Воқеан яке аз масъалаҳои рӯзмара, ки имрӯз диқати тамоми ҷомеаро ба худ ҷалб кардааст, аз байн бурдани бекорӣ мебошад. Муассисаи масъул барои назорати ҷараёни мазкур ва амалӣ сохтани сиёсати давлатӣ, Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати (РАҲИШАМ) ноҳияи Б. Ғафуров мебошад. Корхона дорои 13 мутахассис, аз он ҷумла 5 нафар занҳо мебошад. Дар доираи фаъолияти РАҲИШАМ чорабиниҳо оиди ташкили ҷойҳои навӣ корӣ (ярмарка), маъракаҳои омӯзиши касбӣ-техникӣ барои бекорон ва муҳоҷирон, фарогирии бекорон ба корҳои ҷамъиятӣ мунтазам гузаронида мешаванд.

Мушкилоти асосии соҳаи мазкур дар норасоии маблағгузорӣ, сатҳи пасти музди меҳнати коргарон, муҷаҳҳаз нашудан бо техникаи компютерӣ ва маводи хониш, сатҳи пасти воқифии бекорон оиди фаъолияти Агентӣ, ҳуқуқ ва имтиёзҳои худ мебошад.

РАҲИШАМ ба бекорон ҷубронпулӣ ба миқдори 80 сомонӣ дар як сол таъмин менамояд. Нишондодҳои омории Агентӣ ҳолати воқеъиро инъикос намекунанд. Ба андешаи мутахассисон, сатҳи воқеии бекорон тақрибан 26% шумораи умумии аҳолии қобили меҳнатро ташкил менамояд.

*Ҷадвали 29: Сатҳи бекорӣ дар солҳои 2008-2010*

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | |
|---|---|---|---|
| | 2008 | 2009 | 2010 |
| Аҳолии қобили меҳнат (ҳазор нафар) | 164162 | 168205 | 172972 |
| Бекорони расман ба қайд гирифташуда (нафар) | 940 | 782 | 692 |

Бо мақсади ташкили ҷойҳои нави корӣ Агентӣ ба бекорон қарзҳои имтиёзноки бефоиз барои ташкили фаъолияти соҳибкорӣ пешниҳод менамояд.

*Ҷадвали 30. Дурнамои ташкили ҷойҳои нави корӣ дар с.2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с. 2011 ҳисобот | с. 2012 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | | с. 2015 бо % нисбат ба с. 2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с. 2013 | с. 2014 | с. 2015 | |
| Ташкили ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби ҳамаи шаклҳои корхонаҳо – ҳамагӣ (ҷойҳои корӣ) | 4551 | 4555 | 4570 | 4590 | 4605 | 101,2 |
| Аз ҷумла аз ҳисоби: | | | | | | |
| - сохтмони нав | 171 | 175 | 180 | 185 | 190 | 111,1 |
| - барқарорсозӣ ва васеъ намудани корхонаҳои мавҷуда | 4380 | 4380 | 4390 | 4405 | 4415 | 100,8 |

Боиси қайд аст, ки маблағҳои қарзии имрӯза талаботи мавҷударо ба пуррагӣ қонеъ намегардонад. Ғайр аз ин бекорон оиди ин гуна хизматрасонии Агентӣ маълумоти кофӣ надоранд.

*Ҷадвали 31: Қарзҳои имтиёзноки бефоиз ба бекорон (сомонӣ)*

| Нишондод | Сол | | |
|---|---|---|---|
| | 2008 | 2009 | 2010 |
| Шумораи одамони қарз гирифта | 52 | 58 | 48 |
| Маблағи умумии қарзҳо | 74900 | 114300 | 126200 |

**Музди меҳнат.** Тибқи ҳисоботи омории меҳнат, дар соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодии шаҳр 36991 нафар амалан бо кор таъмин мебошанд. Музди меҳнати миёна дар соли 2010 276,94 сомониро ташкил кард. Маоши қиёсии соҳаҳо каме фарқ мекунад. Соли 2010 музди меҳнати баландтарин дар соҳаҳои молиявӣ ва СХМ (хизматрасониҳои бонки, суғурта, ва ғ.) мушоҳида шуда, боиси ба сектори хусусӣ ва мухоҷират рафтани мутахассисон гаштааст.

Ҷараёни муҳочирати меҳнатӣ бо тарафҳои манфӣ ба мисли рафтани захираҳои меҳнатии баландихтисос (алалхусус аз соҳаи иҷтимоиёт), вайроншавии оила, баландшавии хавфи интиқолӣ бемориҳои сироятӣ аз қабили бемории сил, гепатити вирусӣ, ВИЧ/СПИД, ки натиҷаи сатҳи пасти зиндагӣ ва музди меҳнат, нархҳои баланд ва беқурбшавии пул, сатҳи пасти маълумотнокии муҳоҷирон оиди пешгирии бемориҳои иҷтимоан муҳим, банақшагирии оила маънидод карда мешавад. Аксари муҳоҷирон саводи дуруст ва тахассуси касбӣ-техникӣ (дар бисёри маврид хатмкунандагони мактабҳо ва донишҷӯён) надоранд. Муҳоҷирон дар аксарият забони русиро намедонанд, оиди ҳуқуқу имтиёзҳои худ, суғуртаи саломатӣ, кофтукоби ҷойи кор дар мамлакати ҷойгиршавӣ маълумот надоранд.

**Табақаи осебпазири аҳолӣ.** Ба гурӯҳи осебпазири аҳолӣ нафақахӯрон, маъюбон ва шахсони бесаробон, камбизоатон дохил мешаванд. Тибқи маълумоти оморӣ ба 01.06.2011 шумораи нафақахӯрон дар ноҳия 26227 нафарро ташкил намуд, ки аз шумораи умумӣ 13730 нафар аз рӯи синну сол, 9237 нафар аз рӯи маъюбӣ, 2138 шахсони бесаробон ва 194 нафар барои хизмати дарозмуддат ба нафақа баромадаанд. 122 нафар нафақахӯри шахсӣ ва 806 нафар нафақахӯрони иҷтимоӣ мебошанд. Аз шумораи умумии нафақахӯрон 79 нафар маъюбон иштирокчиёни ҶБВ мебошанд. Дар ноҳия нафақаи пасттарин 24 сомониро ташкил медиҳад ва баландтаринаш ба 1500 сомонӣ баробар аст. Сатҳи миёнаи нафақаи ба пиронсолон таъмин шуда хароҷоти истеъмолиро фаро намегирад. Сарчашмаи асосии зиндагии нафақахӯрон фаъолияти меҳнатӣ, пасандозҳои шахсӣ ва соҳибкорӣ мебошад.

Қисми асосии нафақахӯрон дар шароити хеле ногувор (бахусус пиронсолон ва маъюбон умр ба сар мебаранд). Дар ноҳия 250 нафар шахсони яккаву танҳо, 9550 маъюбон ва 140 нафар пиронсолони мӯҳтоҷи нигоҳубин ба қайд гирифта шудаанд.

Дар Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират (РАҲИШАМ) шӯъбаи таъмини ёрии иҷтимоии сӯроғавӣ барои пиронсолон, ки 20 нафар коргарон, аз ҷумла 19 занҳо мебошанд, фаъолият мебарад.

Мушкилоти асосии шӯъбаи мазкур дар сатҳи пасти музди меҳнати коргарон, норасоии техникаи компютерӣ, нақлиёт ва доруворӣ мебошад, ки ба сифати хизматрасонӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Дар ноҳия 136 нафар кӯдакони ятиму пепарастор ба қайд гирифта шудааст, ки зери парастории хешу табор ва ҳамсояҳо мебошанд. Ноҳия дорои муассисаи махсуси барои ҷойгиршавии доимии ятимон нест. 6 нафар ятимон дар назорати комиссия оиб ба корҳои ноболиғон ба қайд гирифта шудаанд.

Барои дастгирии 14293 кӯдакон аз оилаҳои камбизоат ҷубронпулӣ бо маблағи 285860 сомонӣ дода шудааст. Дар ноҳия боз 10272 оилаи камбизоат ба қайд гирифта шудааст, ки бо таври имтиёзҳои коммуналӣ бо маблағи 1266533 сомонӣ ҷубронпулӣ мегиранд (барои пардохти ҳаққи истифодаи барқ, газ ва ғ.).

Барои иштирокчиёни садамаи Чернобил, иштирокчиёни ҷанги Афғонистон, собиқадорони меҳнат ва маъюбони модарзод ҷубронпулии яквақта дода мешавад.

### 2.2.4. Фарҳанг ва фароғат

Дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 24 муассисаҳои фарҳангӣ, 31 китобхона, мактаби санъат ва ансамбли «Шашмақомхонон» фаъолият дорад. Дар ин муассисаҳо 133 нафар кор мекунанд. 60% кормандон соҳиби маълумоти олӣ ва миёнаи махсуси касбианд.

Баъд аз таҷдиди хоҷагиҳо биноҳои клубҳои хоҷагиҳои Хоҷабақирғон, Ҳамзаалиев, П. Бобокалонов, Тоҷикистон, Убайдуллоев, А. Раҳимбоев ба ихтиёри ҷамоатҳо дода шуд, ки ҳолаташон ғайриқаноатбахш буда ба таъмири асосӣ эҳтиёҷ доранд. Чунин мушкилотҳо дар дигар муассисаҳои фарҳанги низ вуҷуд доранд.

*Ҷадвали 32. Маълумот оиди муассисаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ*

| Номгӯи муассиса | 2008 | 2009 | 2010 | Муаммоҳои мавҷуда | Шумораи кормандон | Занҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Клубҳо ва хонаи мада-ният | 24 | 24 | 24 | Асбобҳои мусиқӣ, таҷҳизотҳои замонавӣ, таъмирталаб | 30 | 14 |
| Филиалҳои Китобхона | 31 | 31 | 31 | Китобҳои тозанашр, таъмирталаб | 45 | 41 |
| Мактаби санъат | 1 | 1 | 1 | Асбобҳои мусиқӣ, таъмирталаб | 43 | 20 |
| Ансамбли «Шашмақомхонон» | 1 | 1 | 1 | Асбобҳои мусиқӣ, таҷҳизотҳои замонавӣ | 15 | 2 |

**Варзиш.** Дар ноҳияи Б.Ғафуров 3 мактаби варзишии бачагону наврасон (МВБН) фаъолият мебаранд, ки миқдори умумии аъзоёнаш 840 нафар мебошад. Теъдоди умумии кормандони МВБН 33 нафар аст, ки 24 нафари онҳоро муррабиён ташкил менамоянд. Ба ғайр аз ин дар ноҳия 19 адад толори варзишӣ, 63 майдончаи варзишӣ ва 4 варзишгоҳ мавҷуд аст.

Дар соли 2010 варзишгарони ноҳияи Бобоҷон Ғафуров дар мусобиқаҳои вилояти-ву ҷумҳуриявӣ, байналхалқӣ ва ҷаҳон фаъолона ширкат варзида сазовори 26 медал гаштанд, ки аз он 6 медал дар мусобиқаҳои вилоятӣ мебошад.

Мушкилоти асосии инфрасохтори варзиш таъмирталаб будани толорҳои варзишӣ дар назди мактабҳо, таъмири 3 варзишгоҳҳои хоҷагиҳои А.Ҷумаев, Т.Кушатов ва И.Ҳамзаалиев, сохтмони майдончаҳои варзишӣ дар назди хонаҳои баландошёна ва маҳаллаҳои ноҳия, маблағгузорӣ ҷиҳати сафарбар намудани варзишгарон ба мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ мебошанд.

*Ҷадвали 33. Дурнамои рушди соҳаи фарҳанг дар с. 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с. 2011 ҳисобот | с. 2012 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | | с. 2015 бо% нисбат ба с. 2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с. 2013 | с. 2014 | с. 2015 | |
| Шумораи муассисаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ (адад): | 51 | 51 | 52 | 54 | 55 | 107,0 |
| Клубҳо | 18 | 18 | 19 | 20 | 20 | 111,0 |
| Китобхонаҳои оммавӣ | 31 | 31 | 32 | 33 | 34 | 109,0 |
| осорхонаҳо | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 100,0 |
| Мактабҳои мусиқӣ (адад) | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 100,0 |
| Миқдори хонандагон (нафар) | 310 | 320 | 320 | 330 | 350 | 112,0 |
| Шумораи коргарон (ҳаз. нафар) | 34 | 35 | 36 | 36 | 38 | 111,0 |

## Стратегия ва вазифахои сохахои ичтимоиёт

| *Мақсад* | *Вазифа* | *Лоиҳа/чорабиниҳо* | *Арзиши умумии лоиҳа (хазор сомонӣ)* | *Солҳо* | | | | | *Сарчашмаи маблаггузорӣ* | *Нишондиҳандаҳои натиҷа* |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | *2011* | *2012* | *2013* | *2014* | *2015* | | |
| | | | ***Маориф*** | | | | | | | |
| *Бехгардони сифати хизматрасонии соҳаи маориф* | *Беҳтар намудани инфрасохтори маориф* | *Интихоби омӯзгорон дар асоси озмун* | - | | | | | | - | *Миқдори педагогони баландихтисос (90% то 2016)* |
| | | *Пурқувват намудани саҳми кумитаҳои падару модарон дар назорати ҷараёни хониш ва буҷети мактаб* | - | | | | | | - | |
| | | *Харидори таҷҳизот<br>- мизу курсии хонандаги ба мактабхои №27, 55, 59, 13, 43, 75,9,24,31гимназияи №1* | *200,0* | - | | *100,0* | *50,0* | *50,0* | *Буҷети ҳамаи сатҳо инчунин Вазорати маориф* | *Миқдори мактабҳои бо таҷҳизот таъминшуда (115 ад. то 2016.)* |
| | | *- харидории мизу курсии омузгори ба мактабхои № 3,6, 7, 10, 13, 14,22, 30,65, 75, 72.* | *200,0* | - | - | *100,0* | *50,0* | *50,0* | | |
| | | *- харидории чевонхои китобмони ба мактабхои 1,4,7,10,11,13,59,55,65,75,78,* | *200,0* | - | - | *150,0* | *50,0* | | | |
| | | *Харидорӣ ва дастраскунии адабиёти илми-методи барои омузгорон ва китобхои бадеи* | *25,0* | - | - | *15,0* | *10,0* | | *Бучети махалли ва ташкилотҳои байналхалқи.* | *Миқдори мактабҳои дорои китобҳои лозима (118 мактаб то 2015г.)* |
| | | *Ҳавасмандкунии омӯзгорон тариқи имтиёзҳо<br>- пешниходи карзхои имтиёзнок<br>- чудо намудани китъаи замин барои сохтмони манзил<br>- таъмини омузгорони эхтиёчманд ба осоишгох ва дармонгоххо* | - | | | | | | *Номуайян* | *Миқдори мутахассисони чавон дар мактаб ба кор ҷалбшуда (75% то с 2015)* |
| | | *Мустаҳкам намудани ҳамкори байни падару модарон ва мактаб* | - | | | | | | | |
| | | *Сохтани мактабҳои нав* | | | | | | | | |
| | | *- сохтани бинои нави мактаби №43 дар чамоати Исмоил* | *1700,0* | - | *91,0* | *700,0* | *700,0* | *209,0* | *Бучети вилоят* | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | - сохтани бинои нави мактаби №75 дар чамоати Уткансой | 1500,0 | - | - | 1000,0 | 500,0 | - | Бучети вилоят | |
| | | - сохтмони бинои иловагии мактаби №40-и чамоати Хистеварз иборат аз 6 синфхона барои 180 нафар хонанда | 1200,0 | - | - | 500,0 | 500,0 | 200,0 | Бучети вилоят | |
| | | Бинои иловагии мактаби №52 | 350,0 | | 350, | | | | Соҳибкорон | |
| | | - сохтани бинои мактаби нав дар дехаи Учоки чамоати Унчи | 4000,0 | - | - | 2000,0 | 1000,0 | 1000,0 | Номуайян | |
| | | - сохтмони кудакистон дар дехаи Бахористони чамоати Хистеварз | 1200,0 | - | - | 600,0 | 500,0 | 100,0 | Номуайян | |
| | | Бинои иловагии мактаби № 64 | 350,0 | | 350,0 | | | | Соҳибкорон | |
| | | Сохтмони синфхонаҳои иолаги дар мактаби № 39 | 60,0 | 60,0 | | | | | Соҳибкорон | |
| | | - сохтмони бинои иловагии мактаби №24- и чамоати Х.Усмонов иборат аз 6 синфхона барои 180 нафар хонанда | 1200,0 | - | - | 800,0 | 300,0 | 100,0 | Номуайян | |
| | | Таъмири макотиби ноҳия | | | | | | | | |
| | | - таъмири асосии мактаби №49-и чамоати Ёва | 300,0 | - | - | 200,0 | 50,0 | 50,0 | Номуайян | |
| | | - таъмири асосии мактаби №30-и чамоати Д.Холматов | 100,0 | - | - | 50,0 | 25,0 | 25,0 | Номуайян | |
| | | - таъмири асосии мактаби №73-и чамоати Х.Усмонов | 77,0 | - | - | 30,0 | 30,0 | 17,0 | Буҷети маҳалли | |
| | | - таъмири асосии мактаби №53-и чамоати Исфисор | 320,0 | - | - | 150,0 | 100,0 | 70,0 | Номуайян | |
| | | -- ба итмом расонидани сохтмони бинои нави мактаби №59 дар чамоати Исмоил | 460,0 | - | 300,0 | 80,0 | 40,0 | 40,0 | Буҷети маҳалли ва соҳибкорон | |
| | | - ба итмом расонидани сохтмони бинои нотамоми мактаби №79-и чамоати Уткансой | 450,0 | - | - | 200,0 | 200,0 | 50,0 | Буҷети вилояти | |
| | | - ба итмом расонидани сохтмони бинои нотамоми мактаби №80-и чамоати Хистеварз | 480,0 | - | - | 200,0 | 200,0 | 80,0 | Буҷети вилояти | |
| | | - ба итмом расониданисохтмони бинои нотамоми мактаби №50-и чамоати Унчи | 350,0 | - | - | 300,0 | 50,0 | - | Буҷети вилояти | |
| | | Ҳамагӣ дар соҳаи маориф: | 14722 | 60,0 | 1091 | 7175 | 4355 | 2041 | | |

| Тандурустӣ | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *Беҳгардонии сифати хизматрасонии тиббӣ* | *Беҳгардони иқтидори ташкилӣ ва сифати ёрии аввалияти тиббӣ* | *Таъмини бехатарии саломатии модару кӯдак<br>а) Таъмир ва таҷҳизонидани бо лаво-зимотхои тиббии таваллудхонахои БМН нохия, БМН №1 чамоати Кис-такуз, чамоати Ёва, Х.Усмонов, Ис-моил, Овчикалача<br>-хариди тачхизоти тибби ФЭК барои тахлили хуни модар* | *3060,0* | | *60,0* | *800,0* | *1000,0* | *1200,0* | *ММИҲД* | *Коэффисиенти фавти модару кӯдак дар сатҳи с. 2008<br><br>Коэффисиенти ҳолати норасоии оҳан ва йод дар организм (32,8% то 2016)<br><br>фарогирии аҳолӣ бо чорабиниҳои оммавии иттилоотӣ (85% то 2016)* |
| | | *Таъмини саломатии репродуктивӣ<br>-пурзур намудани базаи моддию тех-никии маркази солимии репродуктивии нохия ва хучраи репродуктивии чамо-атхо (колкоскоп)* | *340,0* | | | *100,0* | *140,0* | *100,0* | *ММИҲД* | |
| | | *Таъмини пастшавии сатҳи бемориҳои сироятӣ<br>-Ташкили беморхонаи сироятии мут-тамарказонидашудаи нохияви чамоа-ти Исфисор* | *400,0* | | | *300,0* | *100,0* | | *ММИҲД* | |
| | | *Ҳалли масъалаи бемориҳои дигари ичтимоан зарур<br>-маблаггузории барномахои милли ба монанди, ишемияи дил, саратон, куда-кони навзод, тарбод, канд,* | *750,0* | *80,0* | *90,0* | *150,0* | *190,0* | *240,0* | *ММИҲД* | |
| | | *Гузаронидани чорабиниҳои ҳармоҳаи варзишӣ-оммавӣ дар заминаи муассасиҳои таълимӣ* | *170,0* | *10,0* | *10,0* | *50,0* | *50,0* | *50,0* | *ММИҲД* | |
| | | *Таъмири боми БМН ш. Ғафуров* | *1300,0* | | | *1000,0* | *200,0* | *100,0* | *ММИҲД* | |
| | | *Таъмири капиталии Стансияи нохия-вии ёрии тиббии ш. Ғафуров* | *150,0* | | | *100,0* | *50,0* | | *ММИҲД* | |
| | | *чамоати Кистакӯз<br>1. БМН № 1 чамоати Кистакӯз<br>-сохтмони бинои шуъбахои амврози дил ва занона<br>-таъмири боми бинои асосии беморхона ва обчамъкунаки беморхона<br>-таъмири қисми боми беморхона<br>-таъмири фасади беморхона ва таъмири капиталии бинои асосии ва таъмири роҳ<br>Таъмири капиталии Хонаи саломатии №1 ч. Қистакӯз* | *3644* | *1695,0<br>126,0<br>63,0* | | *50,0<br>110,0<br>800,0* | *400,0* | *400,0* | *ММИҲД* | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *Сохтмони бинои иловагии Беморхонаи ноҳиявии № 4*<br>*-таъмири бинои шуъбаи ёрии тачили*<br>*-таъмири шуъбаи сирояти*<br>*-таъмири тахлилгох ва таҷҳизонидани беморхона* | *1700,0*<br><br>*250* | *1700,0* | | *40,0* | *150,0* | *60,0* | *ММИҲД ва вилоят* | |
| | | *Сохтмони Хонаи саломатии Сомониён* | *70,0* | | | | *70,0* | | *ММИҲД* | |
| | | *Таъмири боми маркази саломатии деҳаи Исфисор* | *50,0* | | | *50,0* | | | *ММИҲД* | |
| | | *Таъмири капиталии бинои беморхонаи касалиҳои рӯҳӣ* | *120,0* | | | | *120,0* | | *ММИҲД* | |
| | | *Сохтмони хонаи саломатии Гулобод* | *50,0* | | | | *50,0* | | *ММИҲД* | |
| | | *Таъмири боми бинои беморхонаи ноҳиявии №6*<br>*-барои шиферпуш намудани боми беморхона* | *200,0* | *70,0* | | *80,0* | *50,0* | | *ММИҲД* | |
| | | *Ба итмом расонидани сохтмони маркази саломатии деҳоти Овчи-Калъача*<br>*-таъмири кулли ошхона*<br>*-таъмири шуъбаи амрози даруни*<br>*-мумфарш намудани хавлии беморхона* | *620,0* | | | | *300,0* | *320,0* | *ММИҲД* | |
| | | *Сохтмони маркази саломатии деҳоти Қатаган* | *250,0* | | | | | *250,0* | *ММИҲД* | |
| | *Беҳтар кардани сифати хизматрасонии тиббии пешкашкардашуда* | *Таъмини маҷмӯъи асбобҳои тиббӣ барои шӯъбаи гинекологӣ, бемориҳои кӯдакона ва КАТСи ҷам. Қистакӯз, Овчиқалача, Исмоил, Д Холматов, Қатаган, Унҷӣ, Ғозиён, Ҳ. Усмон ва ш. Ғафуров, лоиҳаи «Солимии миллат боигарии бебаҳо аст»* | *1450* | | | *450,0* | *500,0* | *500,0* | *Ташкилотҳои молиявии байналхалқӣ* | |
| | | *Харидории асбоб ва таҷҳизоти ФГС, УЗИ, Кювез, аппарати ЭКГ, таҷҳизоти лаборатории ИФА, сентрифуга, литотриптор, гостроскан барои муайян намудани РН, ларингоскоп, кислород барои БМН* | *1080* | *40,0* | *40,0* | | *500,0* | *500,0* | *Буҷети маҳаллӣ Ташкилотҳои молиявии байналхалқӣ* | |
| | | *Харидории таҷҳизоти физиотерапевтии УВЧ, Электорфорез, Ултротон, дарсанвал, таҷҳизоти лазерӣ, ингалятор барои муассисаҳои тиббии ноҳия* | *130,0* | | | | *60,0* | *70,0* | *Ташкилотҳои молиявии байналхалқӣ Буҷети маҳаллӣ* | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *Харидории генератори оксигенӣ, курсӣ ва таҷҳизоти гинекологӣ барои таваллудхонаи ноҳия* | *185,0* | | | *45,0* | *60,0* | *80,0* | *Ташкилотҳои молиявии байналхалқӣ Международные фин. Институти* | |
| | | *Харидории мизи ҷарроҳӣ, лампаҳои махсус ва таҷҳизоти ҷарроҳӣ, электрокоагулятор, лапораскоп барои шӯъбаи ҷарроҳии БМН* | *100,0* | | | | *100,0* | | *Буҷети маҳаллӣ Ташкилотҳои молиявии байналхалқӣ* | |
| | | *Харидории автомашинаи «Ёрии таъҷилӣи» барои беморхонаҳои ҷ. Ӯткансой, Ифисор, Исмоил ва ш. Ғафуров* | *210,0* | | | *70,0* | *70,0* | *70,0* | *Буҷети маҳаллӣ Ташкилотҳои молиявии байналхалқӣ* | |
| | | *Харидории дизкамера барои ССЭН* | *60,0* | | | | | *60,0* | *бучети махалли* | |
| | | *Ба итмом расонидани бинои нотамоми БМН* | *1200,0* | | | | *800,0* | *400,0* | *бучети махалли* | |
| | | *Таъмири лифтхои беморхона (3 адад)* | *80,0* | | | *40,* | *20,0* | *20,0* | *бучети махалли* | |
| | | *Борохи гузаштани такмили ихтисос барои баланд бардоштани савияи дониши духтурон ва кормандони миёнаи сохаи тиб* | *60,0* | | | *15,0* | *20,0* | *25,0* | *бучети махалли* | |
| | | *Ташкили маркази ташхисии ва табобати гурда дар беморхонаи марказии ноҳия* | *800,0* | | | *800,0* | | | *СИ Когой С* | |
| | | *Ташкили маркази ташхису табобатии «Шамс» дар шаҳраки Ғафуров* | *1500,0* | | *1500,0* | | | | *Сохибкори инфироди* | |
| | | *Ташкили нуктаи стоматологи дар беморхонаи марказии нохия* | *400,0* | *400,0* | | | | | *СИ Максудов Х* | |
| | | *Сохтмони бинои ошхона ва дорухона дар беморхонаи № 1 Хистеварз* | *120,0* | | | *120,0* | | | *СИ Расулова И* | |
| | | *Сохтмони бинои комплекси муоличави дар беморхонаи № 2 ч. Хистеварз* | *249,0* | | *249,0* | | | | *СИ Исобоева С* | |
| | | *Сохтмони бинои дорухона дар худуди маркази саломатии «Тоҷикистон» дар ҷамоати деҳоти Хистеварз* | *60,0* | | | *60,0* | | | *СИ Азимов Ф* | |
| | | *Сохтмони бинои шуъбаи беморихои дил дар Беморхонаи №1 чамоати дехоти Хистеварз* | *1783,0* | *1783,0* | | | | | *Бучети вилоят* | |
| | | *Сохтмони комплекси истирохатии «Сартукай»* | *2313,10* | *2313,10* | | | | | *ЧДММ «Галф-Тур»* | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Сохтомни нуктаи савдо ва сехи дузандаги дар чамоати дехоти Унчи | 135,0 | 135,0 | | | | | СИ Дадобоев Т | |
| | | Сохтмони маркази табобат ва ва хизматрасонии тибби барои 30 чойи дар шахраки Гафуров | 1000,0 | | 400,0 | 600,0 | | | Сохибкори инфироди | |
| | | Ҳамагӣ: | 26039,1 | 8415,1 | 2349 | 5830 | 5000 | 4445 | | |
| **Ҳифзи иҷтимоӣ** | | | | | | | | | | |
| Беҳтар намудани дастрасии нафақахӯрон, маъюбони яккаву танҳо ва мӯҳтоҷони дар хона буда ба хизматрасонии иҷтимоӣ | Ҳавасмандкунии коркунони иҷтимоӣ барои беҳгардонии сифати кор | Ташкили базаи иттилоотӣ | 2,0 | | | | | | Идораи ҳизфи иҷтимоии аҳолӣ | Базаи иттилоотии Трас дастрас барои ҳамаи хоҳишманбон то 2016.<br><br>Миқдори хоҳишманбон, ки ба нигоҳубини мӯҳтоҷон ҷалб шуданд (25 волонтер то 2016)<br>Шумораи коркугони иҷтимоии тавсияҳои мусбӣ гирифта (85% то 2016) |
| | | Бо рӯйхати мӯҳтоҷон таъмини сохторҳои мутассадӣ | 1,0 | | | | | | Идораи ҳизфи иҷтимоии аҳолӣ | |
| | | Эълони мусобиқаи интихоби волонтер ва коркуни иҷтимоии беҳтарини ноҳия оиди нигоҳубини мӯҳтоҷон ва ҳавасмандкунии онҳо | 5,0 | | | | | | ММИҲД | |
| | | Таъмини хизматрасонии сӯрогавӣ ва маводи хӯроки аввалиндарача барои бесарубонҳои мӯҳтоҷ | 40,0 | | | | | | ММИҲД | |
| Ҳамагӣ: | | | 48,0 | | | | | | | |
| **Маданият ва фарогат** | | | | | | | | | | |
| Таъминоти дастрасии аҳолӣ ба чорабиниҳои варзишӣ-фарогатии оммавӣ | Беҳтар намудани шароити комплексҳои мавҷудаи варзишӣ ва маданият | Таъмири толорхои варзишӣ дар назди мактабҳо, таъмири 4 варзишгоҳ дар хоҷагиҳои ба номи А. Ҷумъаев, Т. Кушатов, С.Ӯрунхоҷаев ва И.Ҳамзаалиев. | 1180,0 | - | - | 500,0 | 500,0 | 180,0 | Ташкилотҳои байналхалқӣ, буҷети маҳаллӣ ва соҳибкорон | Миқдори Варзишгоҳ ва майдончаҳои таъміршуда (6 ад. то 2016.)<br><br>Микдори майдончаҳои варзишии ташкилшуда (3 ад. то 2016) |
| | Зиёд намудани миқдори майдончаҳои варзишӣ ва дастгирии варзишгарон | Ташкили майдончаҳои варзишӣ дар ҳудуди хонаҳои баландошёна ва маҳаллаҳои ноҳия | 110,0 | - | 10,0 | 50,0 | 50,0 | - | | |
| | | Дарёфти маблаггузорон барои таъмини иштироки варзишгарон дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ. | 130,0 | 10,0- | 10,0- | 50,0 | 30,0 | 30,0 | | |
| Ҳамагӣ: | | | 1420 | 10,0 | 20,0 | 600,0 | 580,0 | 210,0 | | |
| | | Ҳамагӣ дар соҳаҳои иҷтимоиёт | 42229,1 | 8485,1 | 3470 | 13623 | 9955 | 6696 | | |

## 2.3. ИНФРАСОХТОР

### 2.3.1. Оби нӯшокӣ

**Дастрасии оби нӯшокӣ.** танҳо 42,9% аҳолии шаҳраки Б.Ғафуров бо оби нӯшокӣ таъмин карда шудааст. Ҳамаи аҳолии боқимонда аз ҳавзҳо, нахрҳо, ҷӯйборҳо ва чоҳҳои амудӣ истифода мебаранд. Ҷамоатҳои дигар ба беҳбудии таъминот бо оби нӯшокӣ эҳтиёч доранд. Таъминоти бади аҳоли бо оби нушокии хушсифат дар Овчи-калъача – 13,4 %, Кистакӯз – 17,2 %, Исмоил – 30,7%, Х.Усмонов – 40% ба назар мерасад. 24,7% аҳолии ноҳия аз оби ҳавзҳою ҷӯйборҳо истифода бурда, 32,2% дигар оби овардашударо харидорӣ менамоянд.

*Ҷадвали 34. Дастрасии аҳолӣ ба оби нӯшокӣ аз рӯи ҷамоатҳо*

| Номгӯи нуктаҳои аҳолинишин | Теъдоди аҳолӣ, Ҳамагӣ | Теъдоди аҳолие, ки бо нӯшокӣ таъми-нанд | % аҳолие, ки бо нӯшокӣ таъминанд | Сарчашмаҳои асосии оби нӯшокӣ |
|---|---|---|---|---|
| ш. Ғафуров | 16718 | 12338 | 73,8% | 26,2% - овардашуда |
| Ҷамоатҳо: | | | | |
| Қистақӯз | 51797 | 26675 | 17,2% | 38,8%- аз ҳавзҳою ҷӯйборҳо , 44,0% -овардашуда |
| Ҳ.Усмонов | 36900 | 14760 | 40,0% | 15,0% - аз ҳавзҳою ҷӯйборҳо, 45,0% -овардашуда |
| Ёва | 39995 | 22797 | 51,8% | 10,0% - аз ҳавзҳою ҷӯйборҳо, 38,2% -овардашуда |
| Д.Холматов | 11800 | 8166 | 69,2% | 8,7% - аз ҳавзҳою ҷӯйборҳо, 22,1% -овардашуда |
| Унҷӣ | 41056 | 26563 | 64,7% | 24,3% - аз ҳавзҳою ҷӯйборҳо, 11,0% -овардашуда |
| Овчиқалъача | 19762 | 7035 | 13,4% | 86,6% - аз ҳавзҳою ҷӯйборҳо |
| Исмоил | 23600 | 12060 | 30,7% | 43,0% - аз ҳавзҳою ҷӯйборҳо, 26,1% -овардашуда |
| Ғозиён | 17325 | 13479 | 68,0% | 17,0% - аз ҳавзҳою ҷӯйборҳо, 15,0% -овардашуда |
| Қатаған | 11366 | 6433 | 56,6% | 20,0% - аз ҳавзҳою ҷӯйборҳо, 23,0% -овардашуда |
| Исфисор | 34555 | 10470 | 30,3% | 33,0% - аз ҳавзҳою ҷӯйборҳо, 36,7% -овардашуда |
| Ӯткансой | 9960 | - | - | 100% - овардашуда |
| Ҳамагӣ: | 314834 | 160776 | 42,98% | 24,74% - аз ҳавзҳою ҷӯйборҳо, 32,28% -овардашуда |

Дар ҳудуди ноҳияи Бобоҷон Ғафуров дар масъалаҳои таъминоти оби нӯшокӣ ва корезӣ Корхонаи Давлатии Фаръии «Обтаъминкунӣ ва канализатсияи»-и ноҳия масъул мебошад.

Бояд қайд намуд, ки корхонаи «Обтаъминкунӣ ва рафъи партов» танҳо дар ш. Ғафуров ва қисман ҷамоатҳои Исфисор, Қатаған ва Қистақӯз хизмат мерасонад. Дар сатҳи ҷамоатҳои деҳот ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об (АИО) ташкил карда шудааст, ки бевосита барои таъмини ахолӣ бо оби нӯшокӣ тариқи обхатҳои худҷорӣ, ҷӯйҳову заҳбурҳои маҳал ва чоҳҳои амудӣ фаъолият мебаранд.

Корхонаи «Обтаъминкунӣ ва канализатсия»- дорои 86,5 км. хатти обрасонии магистралӣ аз қубурҳои чӯянин, боқимонда асбестӣ ва оҳанини қутрашон 300 мм ва 100 мм буда, дарозии умумиашон 86,5 км мебошад.

Системаи обтаъминкунӣ дорои 5 шабакаи обтаъминкунӣ мебошад:

- шабакаи асосӣ дар ш. Ғафуров – 800 метри мукааб, соли 1959;
- шабакаи ҷ. Исфисор – 400 метри мукааб, соли 1986;
- шабакаи ҷ. Қатаған – 200 метри мукааб, соли 1989;
- шабакаи ҷ. Исфисор - 200 метри мукааб, соли 1988;
- шабакаи ҷ. Қистақӯз - 200 метри мукааб, соли 1990 сохта шудааст.

Тариқи ин шабакаҳо корхонаи мазкур ба 24 ташкилоти буҷетӣ, 30 ташкилотҳои ҳисоби хоҷагӣ ва 4689 муштарӣ (12927 нафар) хизмати обрасонӣ ва рафъи партовҳоро амалӣ месозад. Иқтидори солонаи хизмати обрасонӣ 1945 ҳазор метри мукаабро ташкил медихад.

Воситаҳои техникии корхонаи «Обтаъминкунӣ ва канализатсия»- и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров дар ҳолати ногувор қарор дошта, бинобар гузаштани мӯҳлати истифодабариашон корношоям гаштаанд. Имрӯз корхона барои пешбурди корҳои таъмиру барқарорсозӣ аз сабаби набудани автокран, экскаватор, нақлиёти ёрии садамавӣ ва дигар олоту таҷҳизотҳои зарурӣ ба мушкилот дучор гаштааст.

Аз ҷониби МНДСЭ (Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ) ташхиси обҳои нӯшокӣ дар як моҳ як маротиба гузаронида мешавад. Партовобаҳоро бошад дар ҳар як семоҳа раёсати ҳифзи муҳити зисти вилояти Суғд аз ташхис мегузаронад.

Мушкилотҳои рушди соҳа:

Дар асоси таҳлили вазъи кунунии системаи таъминот бо оби нӯшокӣ чунин проблемаҳо муайян шудаанд:

дар баъзе аз ҷамоатҳои дехот мавҷуд набудани системаи таъминот бо оби нӯшокӣ ва корхонаи таъмири хатҳои обгузар ва насосҳои обкаши;

- кӯҳна будани шабакаҳои обрасонӣ, паст будани фишор дар қубурҳои магистралӣ ва набаромадани об то ошёнаҳои болоии биноҳои баландошёна;
- зиёд будани талафоти шабонарӯзии об, яъне 60-70% оби истеҳсолшаванда бо сабаби фарсуда шудани шабакаҳо ва роҳ додан ба исрофкорӣ аз тарафи истеъмолкунандагон;
- фарсуда шудани пойгоҳҳои обкашӣ ва иншоотҳои обтозакунӣ;
- минтақаи муҳофизати санитарӣ надоштани хатҳои обӣ нӯшокӣ дар бисёр ҷамоатҳо, инчунин посбонӣ карда нашудани ҳудуди обанборхо дар ин мавзеҳо;
- ба талабот ҷавобгӯ набудани ташхиси обҳои нӯшокӣ;
- набудани маблағҳо барои сохтмону барқарорсозии иншоотҳои канализатсияи шаҳраки Ғафуров;
- кори ғайриқаноатбахши иншоотҳои партовтозакунӣ, таъмир нашудани иншоотҳои партовтозакунӣ;
- корношоям гаштани воситаҳои техникии Корхонаи Давлатии Фаръии «Обтаъминкунӣ ва канализатсия»-и ноҳия.

**Барқрасонӣ.** Дар ноҳия 100% аҳолӣ ва корхонаҳои ноҳия бо шабакаҳои барқӣ фаро гирифта шудаанд. Шабакаҳои барқӣ аз ҷониби корхонаи Шабакаҳои барқи ноҳияи Б.Ғафуров, ки ба 88% муштариён (дар фасли тобистон бемахдудият ва фасли зимистон бо маҳдудкунӣ) хизмат мерасонанд. 12% муштариёни боқимонда (аҳолии ҷамоати Исмоил) аз ҷониби шабакаҳои Барқии ш. Қайроққум фаро гирифта шудааст.

ШБ ноҳия дар тавозуни худ 4 зеристгоҳи барқӣ, дорои шиддати 110 кВ бо иқтидори 70,3 ҳазор кВт, 11 зеристгоҳи дорои шиддаташ 35 кВ бо иқтидори 83,8 ҳазор кВт ба қайд гирифта шудааст. Дарозии умумии хатҳои барқии ҳавоӣ: 10 КВ – 46,5 км, 6 кВ - 815 км, 0,4 кВт – 880,6 км.-ро ташкил менамояд.

Дар асоси таҳлили вазъи кунунии системаи барқрасонии ноҳия чунин проблемаҳо муайян шудаанд:

- мунтазам аз кор баромадани зеристго[illegible]о ва шабакаҳои барқӣ;
- ба миқдори лозимӣ мавчуд набудани қисмҳои эҳтиётӣ ва таҷҳизоти барқӣ.

Қарзи пардохти хизмати таъмини барқ дар миқёси ноҳия 27 млн. сомониро ташкил дод, ки аз ин 6 млн. 700 ҳазор сомонӣ қарзи аҳолӣ, зиёда аз 19 млн сомонӣ қарзи ҳочагии оби ноҳия мебошад. Ин қарз сол ба сол аз ҳисоби истифодабарандагони оби корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ зиёд шуда истодааст.

**Газтаъминкунӣ.** Танҳо 54% аҳолии ноҳия бо шабакаҳои газтаъминкунӣ таъмин мебошанд. Системаи газтаъминкунии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров бо сабаби ниҳоят калон

будани ҳудуди ноҳия ба панҷ минтақа тақсим карда шуда, аз тарафи панҷ хочагии газтаъминкунӣ ба аҳолии ноҳия хизмат расонида мешавад.

*Ҷадвали 35. Газтаъминкунӣ дар ноҳия*

| Хоҷагии газ | Номгӯи нӯқтаҳои аҳолинишин | Миқдори муштариён |
|---|---|---|
| Хоҷагии гази минтақаи Ғафуров тобеъи ҶСП «Сомон-Суғдгаз» | шаҳраки Ғафуров | 3324 |
| | ҷамоати Исфи-сор | 3720 |
| | ҷамоати Қатаған | 455 |
| ҶММ «Ғозиён» тобеъи КВД «Тоҷиктрансгаз» | ҷ.Ғозиён | 1732 |
| КФ «Қайроққумгаз» | ҷ.Д.Холматов | 1289 |
| ҶДММ «Хусраву Хиромон» | ҷ.Ёва | 3200 |
| минтақаи гази Ӯрунхоҷаев | ҷ.Унҷӣ | 2615 |
| | ҷ. Ҳ.Усмон | 5009 |
| | ҷ. Қистакӯз | 2829 |
| | ҷ. Овчиқалъача | 1503 |

Таҳлили вазъи кунунии соҳа нишон медиҳад, ки дар ин самт проблемаҳои зерин ҷой доранд:

– фарсуда шудани шоҳқубур ва қубурҳои гази табиӣ;
– кам ва номунтазам интиқол шудани гази табиӣ;
– нофаҳмиҳо ҳангоми пардохти маблағи истифодаи гази табиӣ бо сабаби насб шудани ҳисобкунакҳои пастсифат;
– набудан ё фарсуда будани наклиёти махсус;

**2.3.2. Хизматрасонии манзилию-коммуналӣ**

Фонди манзил ва Идоракунии партобҳо. Дар ноҳия дар масъалаҳои ободонӣ, кабудизоркунӣ, тозагии санитарӣ, нигоҳдории фонди манзил дар маркази ноҳия ва чароғонкунӣ ба доираи вазифаҳо ва масъулияти муассисаи хоҷагии манзилӣ-коммуналии ш. Ғафуров, ки ба Корхонаи воҳиди Давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон мансуб мебошад, дохил мешавад. Имконияти ин корхона барои пешкаш кардани хизматҳои коммуналӣ ба аҳолии деҳот маҳдуд аст.

Дар муассиса ҳамагӣ 45 нафар коргарон фаъолият менамоянд. Дар мувозинаи муассиса 180 хонаи коммуналӣ мавҷуд аст, ки масоҳати умумии он 170005м$^2$ мебошад. Муассиса ба 2000 оила истиқоматкунандагони хонаҳо хизмат мерасонад ва барои нигоҳдории фонди манзил, таъмири бомҳои хонаҳо, дару тирезаҳо, таъмири қубурҳои обгузар, даромадгоҳҳо ва равшаникунонии даромадгоҳҳо ҷавобгӯ мебошад.

*Ҷадвали 36. Хизматҳои расонидашаванда*
*ва фарогирии истеъмолкунандагон дар соли 2010*

| Намуди хизматрасонӣ | % |
|---|---|
| Боровардани партовҳои сахти маишӣ | 95% |
| Нигоҳдорӣ ва истифодаи фонди манзил дар биноҳои бисёрошёна | 85% |
| Боровардани партовҳои моеъ | 5% |

Муассиса ба ҳисоби миёна ба 16000 муштарӣ барои ҷамъ ва боровардани партовҳои сахти маишӣ (ПСМ) хизмат мерасонад, ки аз он 6500 нафар дар хонаҳои бисёрошёна (2 нафар ба як хона) ва 9500 нафар дар хонаҳои шахсӣ (6 нафар ба як ҳавлӣ), зиндагӣ мекунанд.

Муассисаи мазкур ҳамагӣ бо 430 корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо ва сохторҳои тиҷоратӣ (100% корхонаҳо) оид ба боровардани ПСМ шартнома дорад.

Партовгоҳи шаҳрӣ 31000 м² масоҳат дошта, дар масофаи 10 км. аз маркази ноҳия ҷойгир аст.

Таҳлил нишон медиҳад, ки ҳаҷми ПСМ дар солҳои охир тамоюли афзоиш дорад, бинобар ин доираи хизматрасониҳоро бобати ҷамъ ва кашондани ПСМ васеъ кардан зарур аст.

*Ҷадвали 37. Истеҳсоли ПСМ дар ноҳия дар солҳои 2006 ва 2010*

| 2006 | | | | 2010 | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ ПСМ дар тонна | Аз ҷумла | | | Ҳамагӣ ПСМ дар тонна | Аз ҷумла | | |
| | ободонӣ | аҳолӣ | Корхонаҳо | | ободонӣ | аҳолӣ | Корхонаҳо |
| 9000 | 4550 | 4050 | 400 | 9500 | 2500 | 4000 | 3000 |

Барои ҷамъоварии ПСМ дар муассисаи мазкур 7 адад воситахои техникӣ ( ҷ 2-адад ЗИЛ-130, трактор, самосвал, автомашинаи ассенизатсионӣ, экскаватор, булдозер), ки хеле фарсуда шудааст ва Шумораи онӥо барои ба пурраги хизмат расонидан ба аҳолии шаҳр кам мебошад.

Боиси кайд аст, ки дар ҳудуди ноҳия ягон корхона ва ташкилот оиди коркарди такрории партовҳо вуҷуд надорад. Ин самти фаъолият яке аз самтҳои муҳими рушди соҳибкорӣ ва қарздиҳии хурд шуда метавонад.

Аз натиҷаҳои таҳлили ҳолат бармеояд, ки дар ноҳия миқдори кофии партовҳо (пластик, шиша, қоғаз) барои коркард ҷамъ карда мешавад.

Дар ноҳия 6 иншооти қабули ташноб ва обтозакунӣ (ИҚТО) (канализационно-очистные сооружения КОС) вуҷуд дорад, ки ба ҳамаи корхонаҳо, муассисаҳо ва хонаи бисёрошёна хизмат мерасонанд.

Аксарияти ИҚТО идораи обу ташноби шаҳраки Ғафуров, заводи «Шарбати Қистакӯз», комбинати гӯшт ва заводи машруботи Ғафуров) дар ҳолати бениҳоят қаноатбахш қарор доранд. Қисме аз онҳо умуман кор намекунанд, қисми дигарашон ҷузъан кор мекунанд ва танҳо аз ӯҳдаи тозакунии механикӣ мебароянд.

Вазъияти ИҚТО шаҳраки Ғафуров, ки ба он асосан партовҳои беморхонаи марказии ноҳия ва хонаҳои истиқоматӣ дохил мешаванд, бениҳоят бад аст. Ин партобҳо амалан қариб ки тоза намешаванд ва ба коллектори заҳбурии ҶС ба номи А.Ҷумаев дохил шуда, минбаъд ба обанбори Қайроққум ҷорӣ мешаванд.

*Ҷадвали 38. Ҳолати ИҚТО ноҳияи Б.Ғафуров дар соли 2010*

| Номгӯи иншооти партовтозакунӣ | Ноҳия/ҷамоат | Иқтидори шабонарӯзӣ м³/шабонарӯз | Иқтидори аслӣ м³/шабонарӯз | Усули тозакунӣ | Ҷои рехтани обҳои тозашуда | Таърихи реконструкцияи охирин | Таркиби иншоотҳои тозакунӣ | Мавҷудияти рухсатнома ба партофтани партов |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ҶСШП «Машрубот» | Ғафуров | 768 | 220 | Био | Коллектори дренаҷӣ | - | Биофилтр | |
| ҶСШП «Сомғор» | Ғафуров, ҷ.Д.Холматов | 300 | 250 | Био | Биокарта | - | Биокарта | |
| сектори хусуси «Кумитаи гӯшт» | Ғафуров | 1700 | 175 | Био | Селпартои № 25 | - | Аэротенка | |
| ҶСШК «Шарбати Қистақӯз» | Ғафуров | 3500 | 545 | Био | Коллектори дренаҷӣ | - | Биофилтр | то с. 2008 |
| ҶСШК «Равған» | Ғафуров | 100 | 87 | Био | Доираи филтратсия | - | | |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| КДФОТ (УВК) | Ғафуров | 400 | 400 | Био | Коллек-тори дренаҷӣ | - | 2-ададКУ-200 | Хул.№13 25.02.08 |

**2.3.3. Нақлиёт ва коммуникатсия**

**Нақлиёт ва роҳҳо.** Дар ҳудуди ноҳия ҳамагӣ 524,9 км. роҳҳои аҳамияти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ мавҷуд буда, он дар раванди рушди иқтисодиёти на танҳо ноҳия, балки шаҳри Хуҷанд ва дигар ноҳияҳои қаламрави вилоят аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки солҳои охир бинобар набудани маблағҳои зарурӣ дар аксарияти роҳҳо солҳои дароз (зиёда аз 25 сол) таъмири ҷорӣ ва асосӣ гузаронида нашудааст, дар натиҷаи истифодабарӣ, фарши роҳ хеле фарсуда гардидааст, ки онро бо гузаронидани таъмири ҷорӣ барқарор намудан ғайри имкон аст.

Дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ягона ташкилоте, ки бо фаъолияти роҳдорӣ машғул мебошад, ин Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳия, ки тобеъи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар ин муассиса 87 нафар кормандон ба фаъолияти роҳдорӣ машғул мебошад. Муассиса дорои 24 адад нақлиёту механизмҳои роҳсозӣ ва 12 адад таҷҳизот мебошад. Аксарияти нақлиёту механизмҳо (8 адад) ва таҷҳизотҳо (6 адад) бо сабаби набудани қисмҳои эҳтиётӣ фаъолият намекунанд. Муассиса дорои заводи асфалтбарории «Телтомат» мебошад, ки қариб 8 сол инҷониб дар ҳолати корношоям арзи вуҷуд дорад.

Дар мувозинаи муассиса 388,2 км. роҳҳои истифодаи умум қарор дорад, ки 68,2 км. роҳҳои байналмилалӣ, 104 км. роҳҳои ҷумҳуриявӣ ва 216 км. роҳҳои маҳаллӣ мебошад.

Инчунин дар мувозинаи муассиса 77 адад кӯпрукҳо (1360 м.) ва 1106 адад қубурҳои обгузар (12410 м.) мавҷуданд.

Ду адад кӯпрук дар роҳҳои «Колхози Р.Набиев – П.Бобокалонов - Седаста» ва «Даромадгоҳ ба Адрасмон» аз офати табиӣ зарар дидаанд ва бинобар набудани маблағ аз таъмир баровarda нашудаанд.

**Нақлиёт.** Айни замон соҳаи нақлиёти истифодаи умум ва боркашонии ноҳия пурра хусусӣ гардонида шудааст ва хизматрасонии ин соҳа аз ҷониби 2000 нафар соҳибкорон амалӣ мешавад. Дар соҳаи нақлиёти ноҳия 21 адад муассисаҳо фаъолият мебаранд, ки аз он 8 адад бо боркашонӣ, 10 адад бо мусофиркашонӣ машғуланд. Дар ноҳия 251 адад нақлиёти боркашон, 709 адад нақлиёти мусофиркашон фаъолият мебаранд, ки аз ин миқдор 20 адад автобус ва боқимонда микроавтобус мебошад. Музди миёнаи маоши онҳо 668 сомониро ташкил медиҳад.

Дар ҳудуди ноҳия Корхонаҳои пурқудрати Фурудгоҳи Байналхалқии Хуҷанд ва Роҳи Оҳан ҷойгиранд, ки тобеияти ҷумҳуриявӣ доранд.

**Алоқа ва фазои иттилоотӣ.** Воқеан дар ҳудуди шаҳраку деҳоти ноҳия ҳамаи 4 барномаи давлатии телевизионии ҷумхуриявӣ - ТВТ, ТВ Сафина, Ҷаҳоннамо, Баҳористон ва вилоятӣ (СМ-1, Азия, ТВСуғд) пахш мегардад. Ҳамчунин дар ҳудуди ноҳия аҳолӣ ба қабули мавҷҳои 4 радиостансия - «Радиои «Тоҷикистон» дар мавҷи 102.7 FM, «Садои Душанбе» - 100.2 FM, радиои «Фарҳанг» - 106FM ва радио «Овози тоҷик» - 107.5FM дастрасӣ дорад.

Бо мақсади баланд бардоштани нақши ВАО дар ҳаёти сиёсӣ-иҷтимоӣ дар ноҳия телевизиони "Ҷаҳоноро" таъсис карда шуд, ки аз феврали соли 2010 ба пахши барномаҳо оғоз кард. Ҳаҷми умумии пахши барномаҳо дар як шабонарӯз 8 соат мебошад.

Аз радиои маҳаллӣ бошад танҳо сокинони шаҳраки Ғафуров, ҷамоатхои Ғозиён ва Исмоил бархӯрдор мебошанд. Дар боқимонда ҷамоатҳо аз сабаби фарсуда шудани таҷҳизоти марказҳои радиошунавонӣ хизмати радиои маҳаллӣ дастраси шаҳрвандон намегардад.

Дар ноҳия як рӯзномаи ҳафтавори «Хуҷанд» бо теъдоди 3235 нусха нашр мешавад. Ин ҳафтавор нашрияи Мақомоти иҷроияи ноҳия ба шумор меравад.

Бо мақсади таъминоти пурраи дастрасии аҳолӣ ба иттилоот ва баланд бардоштани нақши матбуоти даврӣ дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ, кори фаҳмондадиҳӣ бо

мақсади ҷалб кардани аҳолӣ ба обуна бурда мешавад. Аз рӯи натиҷаи соли 2010 теъдоди умумии обуначиён ба матбуоти даврӣ 14820 нафарро ташкил кард, ки 6,1% нисбат ба соли 2009 зиёдтар аст.

Бахши Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком»- и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров яке аз корхонаҳои бонуфуз ва асосии алоқаи ноҳия маҳсуб меёбад. Дар он 59 нафар кормандон ва муҳандисон фаъолият мекунанд. Дар тавозуни корхона як шабакаи телефонии дорои 3552 рақами телефонӣ ва 5 пойгоҳи хурди деҳотии дорои 2060 рақам мавҷуд мебошад. Соли 2008 дар ҷамоати Қистакӯз як шабакаи рақамӣ дорои 960 адад рақами телефонӣ ба истифода дода шуд.

Инчунин дар ноҳия 12 адад нуқтахои гуфтугӯи байнишаҳрӣ фаъолият мебаранд. Ин шабакаҳо байни худ бо ноқили нахи нурӣ пайваст буда, ба системаи марказии ягонаи алоқаи байналмилалӣ ҳамроҳ мебошад, ки ин барои пайвастшавӣ ба шабакаи Интернет ва почтаи электронӣ имконият медиҳад.

Дар шаҳраку деҳоти ноҳия:

– дарозии каналҳои телефонии байнишаҳрӣ - 750 канал/км,
– шумораи истгоҳҳои телефонӣ - 6 адад,
– ғунҷоиши истгоҳҳои телефонӣ - 5612 адад,
– шумораи дастгоҳҳои телефонҳои асосӣ - 3101 адад.

Мардуми ноҳия инчунин аз шабакаҳои мобилии «Сомонком», «Индиго Тоҷикистон», «Вавилон», «МЛТ», «Билайн», «ТК-Мобайл», «Телеком- технолоҷӣ» ва ғайра истифода мебаранд.

*Ҷадвали 39. Дурнамои рушди соҳаи нақлиёт дар с. 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с. 2011 ҳисобот | с. 2012 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | | с. 2015 бо% нисбат ба с. 2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с. 2013 | с. 2014 | с. 2015 | |
| Ҳаҷми боркашонӣ – ҳамагӣ (ҳаз. тн) | 5377,5 | 5646,4 | 6041,6 | 6283,2 | 6534,5 | 121,0 |
| - бо нақлиёти автомобилӣ – ҳамагӣ | 5377,5 | 5646,4 | 6041,6 | 6283,2 | 6534,5 | 121,0 |
| Гардиши борҳо – ҳамагӣ (млн.тн-км) | 346,3 | 360,1 | 388,9 | 400,5 | 412,5 | 119,0 |
| - бо нақлиёти автомобилӣ – ҳамагӣ | 346,3 | 360,1 | 388,9 | 400,5 | 412,5 | 119,0 |
| Мусофиркашонӣ – ҳамагӣ (ҳаз. мусоф.) | 43825 | 45139,7 | 46945,3 | 47884,2 | 49799,4 | 113,6 |
| - бо нақлиёти автомобилӣ – ҳамагӣ | 43825 | 45139,7 | 46945,3 | 47884,2 | 49799,4 | 113,6 |
| Гардиши мусофирон – ҳамагӣ (млн.мусоф.-км.) | 836,9 | 853,6 | 887,7 | 905,4 | 923,5 | 110,0 |
| - нақлиёти автомобили ҳамаи намуди моликият – ҳамагӣ | 836,9 | 853,6 | 887,7 | 905,4 | 923,5 | 110,0 |

*Ҷадвали 40. Дурнамои рушди хочагии роҳ дар с. 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с. 2011 ҳисобот | с. 2012 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | | с. 2015 бо% нисбат ба с. 2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с. 2013 | с. 2014. | с. 2015 | |
| | | | | | | |
| Дарозии умумии роҳҳои автомобили – ҳамагӣ (км) | 388,2 | 388,2 | 388,2 | 388,2 | 388,2 | 100,0 |
| Аз ҷумла бо болопӯши сахт | 364,2 | 364,2 | 364,2 | 364,2 | 364,2 | 100,0 |
| Аз дарозии умумии роҳҳо: | | | | | | |
| Истифодаи умум - ҳамагӣ (км) | 388,2 | 388,2 | 388,2 | 388,2 | 388,2 | 100,0 |
| Аз ҷумла бо болопӯши сахт | 364,2 | 364,2 | 364,2 | 364,2 | 364,2 | 100,0 |
| Аз ҷумла – бо болопӯши | 263,8 | 263,8 | 273,8 | 283,8 | 293,8 | 103,5 |
| Ҷумҳуриявӣ | 167,1 | 167,1 | 167,1 | 167,1 | 167,1 | 100,0 |
| Маҳаллӣ | 221,1 | 221,1 | 221,1 | 221,1 | 221,1 | 100,0 |

*Ҷадвали 41. Дурнамои рушди соҳаи алоқа дар с. 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с. 2011 ҳисобот | с. 2012 баҳодиҳӣ | Дурнамо | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с. 2013 | с. 2014. | с. 2015 | с. 2015 бо % нисбат ба с. 2011. |
| Дарозии каналҳои телефонии байнишаҳрӣ (ҳаз. канал-км) | 810 | 830 | 850 | 900 | 950 | 117,2 |
| Миқдори истгоҳҳои телефонӣ (адад) | 5 | 6 | 7 | 8 | 10 | 200,0 |
| Ҳаҷми пайвастшавии истгоҳҳои телефонӣ (ҳаз. рақам) | 3500 | 3600 | 3700 | 3800 | 4000 | 114,3 |
| Миқдори дастгоҳҳои асосии телефонӣ (ҳаз адад) | 3355 | 3375 | 3405 | 3465 | 3500 | 104,3 |
| Миқдори истифодабарандагони алоқаи рақамӣ (ҳаз. муштарӣ) | | | | | | |
| Миқдори истифодабарандагони шабакаи “Интернет” (ҳаз. нафар) | 3355 | 3375 | 3405 | 3465 | 3500 | 104,3 |
| Даромад аз хизматрасонӣ (ҳаз.сомонӣ ) | 336,3 | 306,1 | 336,1 | 350,0 | 370,0 | 110,0 |
| Ҳаҷми хизматрасонӣ ба аҳолӣ (ҳаз. сомонӣ) | 170,0 | 182,7 | 200,0 | 220,0 | 240,0 | 141,2 |

## 2.3.4. Стратегия ва вазифаҳои инфрсохтор

| Мақсад | Вазифаҳо | Амалиётҳо/Лоиҳаҳо | Арзиши (ҳазор. сомони) | Солҳо 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | Сарчашма | Нишондихандахои натича |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Обтаъминкунӣ** | | | | | | | | | | |
| Беҳгардонии дастрасии аҳолӣ ба оби тозаи хушсифат | Беҳгардонии сифати об дар шабакаҳо | Таҳияи лоиҳаҳои нави шабакаҳои обёрӣ | 1000,0 | | | 1000,0 | | | Маблағи Ташкилотҳои байналхалқӣ ва буҷети маҳаллӣ | Фоизи аҳолии дорои дастрасӣ ба шабакаҳои обёрӣ (85% то с.2016)<br>Беҳгардонии сифати оби нӯшокии истифодабурдашуда (МНСЭН)<br>Фоизи аҳолие, ки ҳисобкунакҳо ва гидропостҳоро истифода мебаранд (45% то с.2016) |
| | | Таъмири чоҳҳои мавҷуда | 500,0 | | | 500,0 | | | | |
| | | Барқарорсозӣ ва таъмири чоҳҳои амудии №№ 4,5,6,7,7а ва Гастелло | 1000,0 | | | 1000,0 | | | | |
| | | Сохтани 2 адад резервуари оби тозаи гунҷоишаш 1000 метри мукааб | 163,0 | | | 163,0 | | | | |
| | | Сохтмони пойгоҳи зинаи 2-юм бо 4 агрегати обкашӣ (насос) | 124,0 | | | 124,0 | | | | |
| | | пайвасти резервуари оби тоза ва пойгоҳи обкаш ва скважинаҳо | 110,0 | - | | 110,0 | | | | |
| | | Таъмир ва барқарорсозии чоҳҳои амудии шабакаҳои асосии обтаъминкунии шаҳраки Ғафуров (№ № 1,2,3) | 500,0 | - | | 500,0 | | | | |
| | | Таъмир ва барқарорсозии шабакаи обтаъминкунии № 7 шаҳрак, участкаҳои № 8-9 ҷамоати Қистакӯз | 500,0 | | | 500,0 | | | | |
| | | Таъмир ва барқарорсозии шабакаи обтаъминкунии № 7 шаҳрак, участкаи № 4 ҷамоати Исфисор | 500,0 | | | 500,0 | | | | |
| | | Таъмир ва барқарорсозии шабакаи обтаъминкунии оби нӯшокии деҳаи Қатаған | 300,0 | - | | 300,0 | | | | |
| | | Таъмир ва барқарорсозии шабакаи обтаъминкунии № 7 шаҳрак, участкаҳои № 1,2 ҷамоати Исфисор | 912,0 | | | 912,0 | | | | |
| | | Ҳамаги обтаъминкуни | 5609 | | | 5609 | | | | |
| **Хизмати манзилӣ-коммуналӣ (ХМК)** | | | | | | | | | | |
| Беҳгардонии дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии манзилӣ-коммуналӣ | Таъсиси сохтори ягонаи ХМК-и ноҳия | Реформаи хадамоти ХМК ш. Ғафуров | 690,0 | - | - | 230,0 | 230,0 | 230,0 | Ташкилотҳои байналхалқӣ | Миқдори муштариёне, ки аз тарафи ХМК ш. Ғафуров хизматрасонӣ карда мешаванд (65% то с.2016).<br>Ташкили 11 ХМК дар назди ҳамаи ҷамоатҳо то с. 2016 |
| | | Дар заминаи ҷамоатҳо таъсиси хадамоти ХМК | 560,0 | 50,0 | - | 170,0 | 170,0 | 170,0 | ММИХД | |
| | Мустаҳкам намудани базаи моддӣ-техникии мавҷудаи ХМК ва ҷиҳозонидани ХМК-ҳои нав | Харидории таҷҳизот ва техникаи ҷамъкунӣ ва баровардани партови сахти маишӣ | 1000,0 | - | - | 400,0 | 300,0 | 300,0 | Ташкилотҳои байналхалқӣ | |
| | | Сохтмони корхонаи коркарди партовҳои маишӣ | 750,0 | - | - | 350,0 | 200,0 | 200,0 | Ташкилотхои байналхалки | |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Беҳтар кардани ҳолати санитарию экологии ноҳия | Таъмини аҳолӣ бо маълумот оиди гурӯҳбандии пору ва коркарди партовҳои маишӣ | 2,0 | - | - | 2,0 | - | - | ХМК | Сатҳи таъминоти ХМК-и ноҳия бо таҷҳизот ва техникаи зарурӣ (25% то с. 2016) Ҳаҷми коркарди партовҳои маишӣ ва самаранокии фаъолияти ҳамаи ХМК-и ноҳия (25тонна дар як сол). % воқифии мардум (65% то с.2016) Миқдори марказҳои ҷамъоварии пору ва партовҳои маишӣ (3 то с.2016) |
| | | Ташкили марказҳои ҷамъоварии пору ва партовҳои маишӣ дар се ҷойи муайянкардашудаи ноҳия | 100,0 | - | - | 70,0 | 30,0 | - | Ташкилотҳои байналхалқӣ | |
| | | Бунъёди манзильои истиыомати дар ҷамоатҳои Унҷи Х..Усмонов, Хистеварз, Ёва, Гозиён, Д.Холматов, Исмоил ва Уткансой | 20000,0 | | 600,0 | 1500,0 | 6000 | 11900 | Аҳоли | Ба истифод супоридпни зиёда аз 10000,0 метри мураба манзили истиқомати то соли 2016 |
| Ҳамагӣ: | | | 23102 | 50 | 600 | 2722 | 6930 | 12800 | | |
| **Нақлиёт ва коммуникатсия** | | | | | | | | | | |
| Беҳтар намудани сифати хизматрасонии нақлиёт ва коммуникатсияҳо | Беҳтар намудани сифати инфраструктураи нақлиёт | Ободонии минтақаҳои пиёдагардӣ дар кӯпрукҳо | 50,0 | - | 50,0 | | | | Инвеститсияи хориҷӣ ва аз ҳисоби буҷети маҳалли | Дарозии роҳҳо ва кӯпрукҳои таъмиршуда (то с. 2016 - 27 км. роҳҳои дохилӣ ва 2 адад кӯпрук) ) |
| | | Таъмири роҳҳои дохилӣ ва кӯчаҳо дар чамоати Х.Усмонов (дехаи Румон, Кандакзор, Кулангир-Сумчак) | 3000,0 | 1000,0 | 1000,0 | 300,0 | 350,0 | 350,0 | Буҷети ноҳия ва соҳибкорон | |
| | | Таъмири рохи Гафуров-Овчикалача | 3100,0 | 3100,0 | | | | | Бучети вилояти ва сохибкорон | |
| | | Таъсиси ассотсиатсияи бор ва мусофиркашон | 5,0 | - | - | 5,0 | - | - | Бучети махалли | |
| | Мукаммал сохтани потенсиали ВАО-и маҳаллӣ | Таҳия ва амалисозии лоиҳаи эҳёи радио ва телевизиони маҳаллӣ | 130,0 | 30,0 | 100,0- | | | | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | Таъмини дастрасӣ ба шабакаи Интернет дар мактабҳо | 50,0 | 10,0 | 10,0 | 10,0 | 10,0 | 10,0 | Буҷети маҳаллӣ, куми- | |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | таи падару мо-дарон | |
| | | Бунёд намудани биноиі маъмури ва толору истгохи рохи охани стансияи «Хуҷанд» дар шаҳраки Ғафуров | 10000,0 | | 200,0 | 5000,0 | 4800,0 | КВД «Рохи охан» | |
| | | Барқарор намудани купрук дар ҷамоати Ғозиён | 650,0 | | 650,0 | | | Вазорати нақлиёт ва буҷети маҳалли | |
| | | Барқарорсозии роҳи автомобилгарди шаҳраки Ғафуров-маркази ҷамоати Хистеварз ба дарозии 5 км | 5000 | | 5000 | | | | |
| | | Таъмиру барқарорсозии роҳи автомобилгард аз қасри Арбоб то роҳи баромад ба шаҳри Хуҷанд ба дарозии 3,5 км | 3500 | | 3500 | | | | |
| | | Таъмиру барқарорсозии роҳи автомобилгард аз шаҳраки Ғафуров-маркази ҷамоати Овчикалъача ба дарозии 3,1 км | 3100 | | 3100 | | | | |
| | | Таъмиру барқарорсозии роҳи автомобилгарди Кулангир -Сумчаки ҷамоати Х. Усмонов ба дарозии 2 км | 2000 | | 2000 | | | | |
| Ҳамагӣ дар бахши нақлиёт ва коммуникатсия | | | 30585 | 4140 | 15510 | 5315 | 5160 | 360 | |
| **Барқтаъминкуни** | | | | | | | | | |
| | | Беҳтар намудани системаи барқтаъминкунии шаҳраки Ғафуров ва ҷамоатҳои ноҳия | 1000 | | 1000 | | | | |
| | | Беҳтар намудани таъминоти техникии соҳа; | 350 | | 350 | | | | |
| | | Кашидани хатҳои барқӣ дар маҳаллаҳои навбунёд | 1000 | | 1000 | | | | |
| | | Аз нав барқарор намудани хатҳои барқии баландшиддат ва иваз намудани симчӯбҳои фарсуда ва ноқилҳо; | 300 | | 300 | | | | |
| | | Истеҳсол ва истифодаи навъҳои алтернативии энергия дар ноҳия | | | | | | | |
| | | Сарфакорона истифода бурдани нерӯи барқ | | | | | | | |
| | | Иваз намудани трансформаторҳои иқтидорашон хурд ба калон | 350 | | 350 | | | | |
| | | Иваз намудани симчӯбҳои корношоямгардида | 500 | | 500 | | | | |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *Васл намудани ҳисобкунакҳои барқии электронӣ ҷиҳати паст намудани талафоти барқ* | *400* | | *400* | | | | | |
| | *Васл намудани 2 адад трансформатор дар махаллаи Окарик ва Даштаки чамоати Унчи* | *160* | | *160* | | | | | |
| | *Васл намудани 2 адад трансформатор дар чамоати Унчи* | *80* | | *80* | | | | | |
| | *Ҳамагӣ дар бахши барқтаъминкунӣ* | *4140* | | *4140* | | | | | |
| | *Ҳамаги дар соҳаҳои инфрасохтор* | *63436* | *4190* | *20250* | *13646* | *12090* | *13160* | | |

### 2.4. Бехатарии муҳити зист

### 2.4.1. Кам кардани офатҳои табиӣ

Зериобмонӣ. Мавҷудияти обанбори Қайроққум бори иловагии антропогенӣ ба захираҳои замини ноҳияро зиёд менамояд. Ғайриқаноятбахш будани ҳолати дами он, ва инчунин ҳаҷми об сатҳи обҳои зеризаминиро баланд намуда хавфи зериобмонии заминҳои назди соҳилиро дучанд мекунад.

Се истгоҳи насосӣ, ки обро аз обанбори Қайроққум мекашанд, бо иншооти муҳофизат аз моҳиҳо ҷиҳозонида нашудаанд, ки ин ҳам таъсири манфии худро ба ҳолати захираҳои моҳии вилоят мерасонад. Дар қитъаҳои наздиҳавлигии шаҳракҳои наздисоҳилӣ сатҳи оби зеризаминӣ (СОЗ) ба 0,5 м. расидааст, поёни хонаҳо зери об мондаанд, заминҳои хоҷагиҳои шахсӣ ботлоқ шуда аз истифодабарӣ бозмонданд. Дар натиҷа миқдори,бемориҳои сироятӣ афзуда истодаанд (нигаред ба қисми Тандурустӣ).

Дар ҷамоати Қистакӯз қариб 30% хоҷагиҳо аз СОЗ баланд зарар дида, 1000 хоҷагӣ дар ҳолати садамавӣ қарор доранд.

Ҳолати сойҳо. Мушкилоти дигари экология бо ҳолати сойҳои ноҳия, дар аввал сойи Хоҷабоқирғон вобастагӣ дорад. Аз ҳисоби аз соҳили онҳо истеҳсол намудани ғайриғонунии қуму шағал, соҳилҳои сой васеъ шуда, ҷараёни эрозияи обӣ тезонида мешавад. Сабаби пайдоиши хавфи бемориҳои сироятӣ ва ифлосшавии рӯйи об (дарёи Сир) зери партови бисёр (ҳам аз тарафи аҳолӣ ва ҳам корхонаҳои саноативу сохтмонӣ) мондани соҳилҳо мебошад.

Тӯли солҳои 2008 - 2010 дар ноҳия 2 ҳолати офатҳои табиӣ бо сабаби боришоти калон ба қайд гирифта шудааст. Аммо дар давоми с. 1998 то 2007 дар ноҳия 11 ҲФ характери табиӣ дошта, аз ҷумла 10 сел ба вуҷуд омадаанд.

Равишҳои селӣ, ки дар давоми солҳои 1998 то 2011 (1998 – 1999, 2003 – 2005) ба қайд гирифта шудаанд, хавфи калон доштанд. Дар давоми ин солҳо хисороти молиявии расонидашуда ба 8093236 млн. сомонӣ баробар аст.

*Ҷадвали 2. Ҳаҷми қиёсии буҷети ноҳия ва зарари офатҳои табиӣ*

| Нишондод | с. 2008 | с. 2009 | с. 2010 | с. 2011 |
|---|---|---|---|---|
| Буҷет (иҷроиш, ҳаз. сомонӣ) | 23725,8 | 36798,0 | 36361,8 | 42830,6 |
| Хисорот аз ҲФ (сомонӣ) | 667410 | - | - | 68300 |
| Хисорот аз ҲФ (%) | | | | 735710 |

Давоми се сол хисорот аз ҲФ 735710 сомониро ташкил кард, ки ба 0,76% хароҷоти буҷети ноҳия баробар аст.

Дар Ҷадвали 2 ва Диаграммаҳои 1-2 муқоисаи маблағи умумӣ ва инчунин нишондоди фоизии хисорот нисбат ба буҷет аз рӯи солҳо дода шудааст.

Аз рӯи фоизҳо дар соҳаҳои иқтисодиёт давоми солҳои зикргардида зарари асоси ба хоҷагии қишлок расонида шудааст. Маблағи он 2,5 маротиба аз сарфи буҷет зиёдтар буда ба 330100 ҳазор сомонӣ ё 379, 5% баробар мебошад (Ҷадвали 4).

Ҳамагӣ аз 11 ҷамоат ва 1 шаҳрак дар 2 ҷамоат минтақаи хавфноки геологи маҷуд мебошанд.

Миқдори хонаводаҳо, ки бевосита дар худуди хавфнок ҷойгиранд 8% ҳамаи хоҷагиҳои ноҳияро ва 53086 нафар (45% аҳолии ноҳия) ташкил менамоянд.

### 2.4.2. Экология

Мушкилотҳои экологӣ.

Мушкилотҳои экологии ноҳия дар рафти таҳияи барномаи мазкур таҳлил шуда ба бахшҳои мухталифи Барномаи мазкур ҳамроҳ карда шудаанд.

Аз он ҷумла:

Патовҳои радиоактивӣ. Таъсири партовҳои заҳрнок масъалаи муҳим мебошад, ки таваҷҷӯҳи хосаро талаб менамояд.

Дар ҳудуди ноҳия ду маҳфузгоҳи партовҳои заҳролуд вуҷуд дорад. Яке аз онҳо дар даромади ш. Ғафуров бо стандартҳои байналхалқӣ рӯйпӯшкардашуда (консерватсия) ва безарар барои аҳолӣ мебошад. Дигараш дар баландии Деҳмой ҷойгир буда амалкунанда мебошад. Бо сабаби аз болои он нагирифтани пулҳпаи корхонаи заводи Чкаловск «Востокредмет», ки дар ҳудуди ҷамоати Ғозиён дар минтақаи Руҳак ҷойгир аст болопӯши махфузгоҳ хушк шуда ба омехтаи хок мубаддал гаштааст. Барои пешгирии паҳншавии хоки заҳролуд дар ҳудуди он шинонидани қамиш гузаронида мешавад. Хавф дар он аст, ки аҳолӣ чорвои худро дар минтақаи манъкардашуда мечаронад, қамиши заҳролударо ҷамъоварӣ менамоянд ва металлҳои заҳрнокро, ки дар ин ҷо махфуз карда шудааст, кофтуков менамоянд.

Ба ғайр аз истифодаи чораҳои маъмурии маҷбурӣ, ташкили корҳои пропаганда ва пешгирӣ (гузаронидани лексияҳо, мулоқотҳо, тренингҳо, варақаҳои иттилоотӣ ва буклетҳо) байни аҳолие, ки дар наздики ин минтақаҳо зиндагонӣ мекунанд, (ҷамоатҳо, мактабу бошишгоҳҳо ва ғ.) мувофиқи мақсад мебошад.

## Низоми ҳолатҳои фавқулодда ва мудофияи граҷдании н.Б. Ғафуров



## 2.4.3. Стратегия ва вазифаҳои ҳифзи муҳити зист ва ХФ

| Ҳадаф | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/Лоиҳаҳо | Солҳо | | | | | | Сарчашмаи маблаггузори | Нишондиҳандаҳои натиҷа |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Арзиши умуми | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | | |
| *Беҳгардонии ҳолати муҳити атроф ва таъминоти идоракунии мустаҳками захираҳои табиӣ оиди рушди иқтисодӣ-экологии ноҳия* | *Беҳтар намудани корҳои пешгирии хавф, ки бо партовҳои заҳролуди дар ҳудуди ноҳия мавҷудбуда вобастагӣ дорад* | *Тоза кардани коллекторҳои байнихоҷагӣ ва дохилихоҷагӣ* | *600,0* | *55,0* | *200,0* | *100,0* | *200,0* | *45,0* | *Ташкилотхои бай-налхалки* | *Паст кардани сатҳи обҳои зеризаминӣ (15% то с.2016)<br>% чоҳҳои обкашӣ (65% то с.2016)<br>% зиёдшавии майдони дорои нишондоди меъёрии минерализатсия ва СОЗ (75% то с.2016)<br>% таъминоти аҳолӣ бо оби нӯшокӣ (95% то с.2016)<br><br>% камшавии партовҷойҳо дар сатҳи ҷамоат (15% то с.2016)<br><br>Шумораи нафарони омӯзонидашуда ва воқифгаштаи ҷамоатҳо оиди масъалаҳои бехатарии радиатсионӣ (65% то с.2016)<br><br>Миқдори барномаҳои тайёркардашудаи телевизионӣ оиди масоили экология (10 ад. то с.2016)<br><br>Кам кардани миқдори партовҷойҳои гайриқонунӣ (10 ад. то с.2016)* |
| | | *Барқарорсозии 15 чоҳҳои ирригатсионии мелиоративӣ* | *300,0* | *-* | *50,0* | *100,0* | *100,0* | *50,0* | *Ташкилотхои бай-налхалки* | |
| | | *Кофтани чоҳҳои обкашӣ барои паст кардани СОЗ дар ҷамоати Исфисор ва Қистакӯз* | *510,0* | *-* | *-* | *200,0* | *200,0* | *110,0* | *Ташкилотхои бай-налхалки* | |
| | | *Дар ҳудуди маҳфузгоҳҳо ва минтақаи санитарӣ-муҳофизавӣ мунтазам гузаронидани баҳисобгирии сатҳи радиатсия (2 маротиба дар як сол)* | *50,0* | | | *30,0* | *20,0* | | *КД «Востокред-мет»* | |
| | | *Дар маҳфузгоҳи Деҳмойи ҷамоати Ғозиен гузаронидани корҳои деворбандӣ ва ҷойгиркунии ишораҳои огоҳкунӣ ва тахтаҳои иттилоотӣ* | *100,0* | *-* | *-* | *-* | *50,0* | *50,0* | *Ташкилотҳои байналхалқӣ* | |
| | *Таъмини нигаҳдорӣ ва зиёд намудани майдони кабидизорҳо* | *Байни аҳолии ҷамоатҳои Ғозиен, Қотма ва ш. Ғафуров гузаронидани чорабиниҳои иттилоотӣ оиди бехатарии радиатсионӣ* | *-* | *-* | *-* | *-* | *-* | *-* | | |
| | | *Ҷорӣ ва пурқувват намудани иқтидори чангхомӯшкунакҳо дар корхонаҳои коркарди пахта, орд ва масолеҳи сохтмонӣ* | *50,0* | | | | *50,0* | | *Соҳибкорон* | |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *Барқарорсозии майдони ҷангалзорҳои муҳофизати замин аз эрозияи шамолӣ* | *100,0* | | | | | *100,0* | *Х/Д* | |
| | | *Тоза ва барқароркунии нахр ва ҷӯйборҳои системаи обёрӣ* | *600,0* | *100,0* | *100,0* | *100,0* | *100,0* | *200,0* | *Буҷети маҳаллӣ* | |
| | *Таъмини идоракунии ПСМ дар сатҳи баровардан, махфузкунӣ ва коркард.* | *Ниҳолшинонии дарахтони ба иқлими ноҳия тобовар* | *235,0* | *35,0* | *50,0* | *50,0* | *50,0* | *50,0* | *Буҷети маҳаллӣ* | |
| | | *Мунтазам ташкили намоишҳои омӯзишии телевизионӣ дар ТВ маҳаллии Ҷаҳоноро оиди масъалаҳои ҳифзи муҳити зист аз нигоҳи рушди иқтисодӣ-экологии ноҳия* | - | - | - | - | - | - | | |
| | | *Дар муассасаҳои тиббӣ ташкили марказҳои коркард ва нобудкунии партовҳои тиббиёт* | - | - | - | - | - | - | | |
| | | *Ташкили корхонаҳои коркарди такрории партовҳо* | *750,0* | - | - | - | *500,0* | *250,0* | *Ташкилотҳои байналхалқӣ* | |
| | | *Дар сатҳи ҷамоат гузаронидани чорабиниҳои мунтазам оиди безарагардонии партобгоӣҳо* | | | | | | - | | |
| *Ҳамагӣ:* | | | *3295,0* | *190,0* | *400,0* | *580,0* | *1270,0* | *855,0* | | |

## 2.5. ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВӢ

**Низоми идоракунӣ**

Низоми идоракунии маҳаллии ноҳияи Б. Ғафуров аз ду мақомот -намояндагӣ ва иҷроия иборат аст. Мақомоти маҳаллии намояндагӣ аз Маҷлиси намояндагони халқ иборат буда, аз 40 нафар намояндагон (5 нафар занҳо) иборат мебошад.

Дар он 5 комиссияҳои зерин кор мекунад: оид ба масъалаҳои қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ; оид ба масъалаҳои реформаи иқтисодӣ ва буҷет; оид ба масъалаҳои сохтмон, саноат, нақлиёту алоқа, хоҷагии роҳ ва хоҷагии рифоӣ; оид ба масъалаҳои сиёсати аграрӣ, ҳифзи табиат, хӯрокворӣ, меҳнат ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ; оид ба масъалаҳои илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон; оид ба масъалаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, сиҳатии омма, оила ва занон; комиссия оид ба сармоягузорӣ.

Ҷавобгариро барои таҳия ва иҷроиши Барномаи рушди ноҳия ГК ва ГТ оид ба таҳия ва татбиқи БРНо ба ӯҳда доранд.

Сохтори асосии масъули МИХД-и Б. Ғафуров, шӯъбаи иқтисодиёт ва савдо мебошад, ки вазифаи идоракунӣ ва ёрии техникӣ ба Гурӯҳи корӣ, инчунин гурӯҳҳои ташаббускор, баландбардории иқтидори банақшагирӣ, ҷараёни ҷамъоварӣ ва таҳлили нишондодҳо, экспертизаи стратегияҳои соҳавӣ ва мувофиқакунии онҳо бо ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, сохторӣ ва минтақавӣ, ҳамкории зич бо ВРИС ҶТ ва саридораи иқтисодиёт ва савдои вилоят, дастгирии гурӯҳи Мониторинг ва Арзёбӣ (МваА), таҳияи ҳисоботҳои мунтазами МваА- ро иҷро менамояд.

Мушкилотҳои асосии МИХД дар амалӣ сохтани Барнома ва пешниҳоди хизматрасонии босифат ба аҳолӣ иборат аз:

- сифати пасти нишондодҳои оморӣ (бухусус дар сатҳи ҷамоатҳо) ва базаи ягонаи нишондодҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, усулҳои кӯҳнашудаи ҷамъоварӣ ва ҳисоботбарӣ, набудани ҳисобот оиди баъзе параметрҳои асосӣ (масалан, андозбандӣ аз рӯи соҳаҳо);
- сатҳи пасти тъминот бо техника ва таҷҳизоти компютерӣ, маводи барномавии литсензияшудаи зидди вирусӣ;
- набудани дастрасӣ ба шабакаи Интернет ва шабакаи ягонаи компютерӣ барои содда кардани ҷараёни мувофиқакунонӣ ва дарёфти ҳуҷҷатҳо, бурдани базаи ягонаи нишондодҳо;
- иқтидори пасти шӯъбаи иқтисод ва савдо, инчунин дигар шӯъбаҳои самти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ оиди масъалаҳои банақшагирии маҷмӯи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, таҳияи буҷет, мониторинг ва арзёбӣ, фандрейзинг ва таҳияи лоиҳаҳо;
- ҳолати ғайриқаноатбахш биноҳои маъмурии МИХД ва бисёри ҷамоатҳо;
- набудани баҳисобгирии электронии бухгалтерӣ дар сатҳи МИХД ва ҷамоатҳо;
- сатҳи пасти дониши хизматчиёни давлатӣ оиди масъалаҳои истифодабарии техника ва таҷҳизоти компютерӣ;
- музди меҳнат ва ҳавасмандкунии пасти коргарон.

Боиси қайд аст, ки дар ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ МИХД таҷрибаи мусбӣ дорад. Аммо шавқмандӣ ва иштироки аз тарафи ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва соҳибкорон дар ҷараёни қабули қарор ва ҳамкорӣ бо МИХД дар масъалаҳои рушд беҳбудиро металабад мушоҳида карда мешавад. Ин натиҷаи дорои иқтидори пасти кормандони МИХД ва ташкили сусти сохторҳои ҷамъиятӣ ва соҳибкорон мебошад.

*Схемаи 1. Сохтори ташкилии МИҲД ноҳияи Б. Ғафуров*




Таъминоти буҷавии ноҳия. Сарчашмаи асосии маблағгузории БР ноҳияи Б. Ғафуров воситаҳои буҷети маҳаллӣ мебошад. Даромади буҷети ноҳия солҳои охир зиёд шудааст. Динамикаи баландшавии буҷет дар соли 2010 нисбати с. 2008 153,1% -ро ташкил намуд. Дар таҳияи қисми даромади буҷет иҷро нашудани нақша мушоҳида намешавад.

*Ҷадвали 42. Сохтори қисми даромади буҷети ноҳияи Б. Ғафуров дар с.2008-2010*

| Сарчашмаи даромад | С.2008 | С.2009 | С.2010 |
|---|---|---|---|
| Андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ | 1159546 | 2875922 | 1939074 |
| Андоз аз даромади шахсони воқеъӣ | 694961 | 1308192 | 1384670 |
| Андоз ба арзиши иловагӣ (НДС) | 1584641 | 1770026 | 5038041 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Андози замин | 520476 | 713266 | 711710 |
| Андоз аз истифодабарндагони захираҳои маъданӣ | 61125 | 120896 | 180752 |
| Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард | 1650737 | 4855501 | 2452604 |
| Андоз аз системаи соддакардашуда | 1116655 | 3419136 | 1448467 |
| Андози ягона | 2727239 | 3070317 | 2604694 |
| Пошлинаи давлатӣ | 938058 | 1376119 | 1798769 |
| Андози минималӣ аз даромад | 3728295 | 3936510 | 1154915 |
| Андоз аз моликияти ғайриманқул | 1211575 | 1946085 | 2075720 |
| Андоз аз соҳибони воситаҳои нақлиёт | 2057957 | 3697542 | 4285635 |
| Андоз аз фурӯши чакана | 2605165 | 3661386 | 5730877 |
| Андозҳои маҳаллӣ ба буҷети маҳаллӣ | 730513 | 1011069 | 1383402 |
| Андоз аз даромади дигар андозҳо (патент, шаҳодатнома, декларатсия) | 1394902 | 2145548 | 2296095 |
| Ҳамагӣ андозҳо: | 23725760 | 36797965 | 36361829 |

Қисми хароҷоти буҷети маҳаллӣ ба маблағгузории сохторҳои дигар, ки қисми асосии онҳоро хароҷоти иҷтимоӣ (75,0% ) ташкил мекунанд, равона карда мешавад.

Хароҷоти буҷети маҳаллӣ ба иқтисодиёт дар с. 2010 асосан аз додани маош, суғуртаи давлатӣ, ва дигар хароҷотҳо иборат буд.

*Ҷадвали 43. Таҳлили қисми хароҷотии буҷети маҳаллӣ дар с. 2008-2010 (сомонӣ)*

| Номгӯи хароҷот | 2008 | | | 2009 | | | 2010 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Нақша | Иҷроиш | % иҷроиш | Нақша | Иҷроиш | % иҷроиш | Нақша | Иҷроиш | % иҷроиш |
| Мақомоти идоракунӣ | 1169393 | 1360407 | 116,3 | 1806677 | 1861661 | 103,0 | 1622726 | 1620810 | 99,8 |
| Мудофиа | 7800 | 36243 | 464,6 | 304252 | 609949 | 200,4 | 26260 | 71121 | 270,8 |
| ШКД | 15800 | 28305 | 179,1 | 24666 | 26495 | 107,4 | 27000 | 73307 | 271,5 |
| Маориф | 15485570 | 14158865 | 91,4 | 22695567 | 19650419 | 86,5 | 21106446 | 21287521 | 100,8 |
| Тандурустӣ | 5374457 | 5294024 | 98,5 | 7949007 | 7898255 | 99,3 | 8980838 | 9343199 | 104,0 |
| Ҷубронпулӣ | 466928 | 465733 | 99,7 | 609873 | 608032 | 99,7 | 666346 | 855521 | 128,3 |
| ХМК | 463430 | 677676 | 146,2 | 742555 | 1347723 | 181,5 | 557764 | 1833970 | 328,8 |
| Фарҳанг | 232415 | 342912 | 147,5 | 584495 | 807914 | 138,2 | 580625 | 823273 | 141,7 |
| Хоҷагии қишлоқ | 270812 | 268849 | 99,2 | 400467 | 4149542 | 104,7 | 378546 | 402314 | 106,2 |
| Сотхмони роҳҳо | - | - | - | 104000 | 302000 | 290,3 | 0 | 0 | 0 |
| Фонди захиравӣ | 10 | 0 | 0 | 81531 | 0 | | | | |
| Ҳамагӣ: | 23486615 | 22633034 | 96,3 | 35303090 | 33531990 | 94,9 | 37646553 | 40190566 | 106,7 |

Барои кам кардани хавфи ҲФ воситаҳои буҷети ноҳия танҳо дар ҳолати барзиёд иҷро кардани нақшаи даромади буҷети маҳаллӣ ҷудо карда мешаванд.

Дарёфти маблағҳои иловагӣ.

Дар ноҳия як қатор барномаҳо амалӣ шуда истодданд, ки аз тарафи вазоратҳо ва саридораҳои мухталифи ҶТ дастгирӣ карда шуда истодаанд:

- барои таъмини амалигашти Қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.08.2008 №436 «Тасдиқи барномаи сохтмон, таъмир ва барқарорсозии мактабҳо дар с. 2008-2015», аз ҳисоби маблағҳои буҷети вилоят ва ноҳия, инчунин маблағгузорон солҳои 2009-2013 гузаронидани таъмири асосии 60 мактаби ноҳия, сохтмони синфхонаҳои иловагӣ дар 3 мактаб, ва ба анҷом расонидани сохтмони нотамоми биноҳои 2 мактаб ва сохтмони 2 мактаби нав дар назар аст.

- Дар доираи фаъолияти шӯъбаи кор бо занон ва оилаи МИХД ва иҷроиши барномаи давлатии «Интихоб, тарбия ва таъин кардани кадрҳои идоракунӣ аз сафи занон дар с. 2007-2016» гузаронидани як қатор чорабинӣ давоми с. 2009-2013 ба нақша гирифта шудааст. Дар чаҳорчӯбаи барномаи мазкур таъминоти духтарони болаёқат бо квотаи президентӣ барои дохилшавӣ ба мактабҳои олии мамлакат, ташкили курсҳои омӯзиши кадрҳои идоракунӣ аз сафи занон амалӣ карда мешавад.

Аз оғози иҷроиши ин барнома дар курсҳои мазкур дар вилоят ва пойтахти ҷумхурӣ 15 нафар занҳои фаъол омӯзиш гузаштанд.

- дар ноҳия лоиҳаи ЮНИСЕФ доир ба беҳгардонии ёрии тиббӣ ба модару кӯдак амалӣ мешавад. Дар дораи он ба маблағи 40000 ҳазор сомонӣ доруворӣ харидорӣ карда шудааст.

- корҳои ба итмом расонидани сохтмони бинои иловагии беморхонаи ноҳиявии № 4 ҷамоати Унҷӣ давом дорад ва соли ҷорӣ аз тарафи саридораи сохтмони асосии МИҲД вилояти Суғд 600,0 ҳаз.сомонӣ маблағ ҷудо карда шуд.

**2.5.2. Захираҳои беруна**

Барои иҷроиши лоиҳаҳо ва барномаҳо МИҲД инвеститсияҳои дохилӣ ва беруниро ҷалб менамояд.

Дар ноҳия солҳои охир лоиҳаҳои зерин, ки аз тарафи ташкилотҳои байналхалқӣ дастгирӣ карда мешаванд, ба сомон расонида шудаанд:

- «Барқарорсозӣ системаи обёрии ш.Ғафуров» бо буҷети умумии 3831,8 ҳаз.доллар бо маблағгузории Бонки Аврупо оид ба рушд ва барқарорсозӣ (ЕБРР),

- «Барқарорсозии системаи обёрӣ ва ташноби беморхонаи ноҳиявии № 1» дар ҷамоати Қистакӯз, бо маблағгузории БР СММ бо буҷети умумии 30,0 ҳаз. доллари ИМА:

- Барномаи «Дастгирии тиҷорат», ки мақсади асосии он дастгирии соҳибкории хурду миёнаи дар самти коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ бо маблағгузории Ҳукумати Финляндия, ки буҷети умумиаш 150,0 ҳаз. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

## 2.5.1. Стратегия ва вазифаҳои беҳгардонии таъминоти захиравӣ

| Мақсад | Вазифаҳо | Амалиётҳо/Лоиҳаҳо | Арзиш ҳазор. сомонӣ | солҳо 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | Сарчашмаи сармоягузорӣ | Нишондиҳандаҳои натиҷавӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Баландбардории потенсиали захиравии ноҳия барои идораи рушди устувор | Беҳтар намудани шароити кории кормандони дастгоҳи марказии ноҳия ва ҷамоатҳо | Таъмири капиталии биноӣ маъмурии ММИҲД-и ноҳия | 100,0 | | | 100 | | | Буҷети маҳаллӣ | Фоизи таъминоти кормандони дастгоҳи ММИҲД ва идораи ҷамоатҳо бо техникаи компутерӣ ва таҷҳизот (85% то с.2016) Миқдори ҷамоатҳои ба шабакаи ИНТЕРНЕТ пайвастшуда (100% то с. 2016) Миқдори ҷамоатҳои бо базаи иттилоотии оморӣ фарогирифташуда (100% то с.2016) Миқдори мутахассисоне, ки омӯзиши малакаи компутерӣ гузаштанд (10 нафар то с. 2016) |
| | | Харидории комплекти техникаи компутерӣ барои шӯъба ва идораҳои ММИҲД | 80,0 | 25,0 | 10,0 | 15,0 | 15,0 | 15,0 | | |
| | | Таъмини дастрасии кормандони дастгоҳи ММИҲД ба шабакаи ИНТЕРНЕТ | 13,0 | | 2,0 | 3,0 | 3,0 | 5,0 | | |
| | | Ҳар сол ҷудо намудани қитъаи замин барои мутахассисони ҷавони дастгоҳи ММИҲД | 8,0 | | 1,0 | 2,0 | 2,0 | 3,0 | | |
| | | Таъмини дастрасии кормандони идораи ҷамоатҳо ба шабакаи ИНТЕРНЕТ (харидории модем) | 13,0 | | 2,0 | 3,0 | 4,0 | 4,0 | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | Ташкили курсҳои омӯзиши компютер ва техникаи корӣ, малакаи истифодабарии барномаи Windows, Word, Excel барои кормандони дастгоҳи ММИҲД | 10 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | | |
| | | Таҳияи базаи омории ноҳия ва тайёр намудани маҷмӯъи қонунҳои амалкунанда ва санадҳои меъёрӣ барои кормандони дастгоҳи ММИҲД | 10 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | ММИҲД | |
| | Беҳтар кардани муҳити инвеститсионии ноҳия | Таҳияи пешниҳодот оиди беҳтар намудани сохтори идоракунии ММИҲД ва пешниҳоди он ба мақомоти идоракунии ноҳия ва вилоят | - | - | - | - | - | - | | ММИҲД |
| | | Мустаҳкам намудани ҳамкорӣ бо сохторҳои шавкманд | 10 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | Буҷети маҳаллӣ | ММИҲД Ҳаҷми маблаггузории донории ҷалбшуда барои иҷрои Барнома (2,5 млн. долл. ИМА то с.2016) Миқдори лоиҳаҳои аз ҳисоби маблагҳои ҷалбшудаи беруна амалигашта |
| | | Гузаронидани семинарҳо оиди «Таҳияи лоиҳаи инвеститсионӣ», дар асоси талаботи ташкилотҳои донорӣ таҳияи лоиҳаҳо | 10 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | | |
| | | Ташкили базаи маълумоти донорӣ, доираи фаъолият ва масъалаҳои аввалиндараҷаи стратегияи онҳо | - | - | - | - | - | - | | |
| Ҳамагӣ: | | | 234 | 29 | 19 | 127 | 28 | 31 | | |

**2.5.2. Таъминоти молиявии БР**

Барои ҳалли проблемаҳои аввалиндарачаи рушди ҳамаи сохторҳои хочагии халқ дар доираи барномаи мазкур маблағи 54997,0 ҳаз. сомонӣ лозим аст.

*Чадвали 44. Маблағи БР аз рӯйи сохторҳо дар с.2011-2015*

| Соҳаҳо | Ҳамагӣ | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Блоки иқтисодиёт | 49420,5 | 6095,3 | 16078,8 | 11062 | 10826 | 5009 |
| • Кишоварзӣ | 18632 | 575,6 | 541 | 3331 | 9576 | 4259 |
| • Саноат | 19436,5 | 4679,7 | 13556,8 | 1200 | | |
| • СХМ | 11352 | 840 | 1981 | 6531 | 1250 | 750 |
| Блоки ичтимоиёт | 42229,1 | 8485,1 | 3470 | 13623 | 9955 | 6696 |
| • Маориф | 14722 | 60 | 1091 | 7175 | 4355 | 2041 |
| • Тандурустӣ | 26039,1 | 8415,1 | 2349 | 5830 | 5000 | 4445 |
| • Ҳифзи ичтимоӣ, | 48 | - | 10 | 18 | 20 | |
| • Фарҳанг, фароғат ва варзиш | 1420 | 10,0 | 20,0 | 600,0 | 580,0 | 210,0 |
| Инфрасохтор | 63436 | 4190 | 20250 | 13646 | 12090 | 13160 |
| • Обтаъминкунӣ | 5609 | | 5609 | | | |
| • ХМК | 23102 | 50 | 600 | 2722 | 6930 | 12800 |
| • Нақлиёт ва коммуникатсия | 30585 | 4140 | 15510 | 5315 | 5160 | 360 |
| Барктаъминкунӣ | 4140 | | 4140 | | | |
| Бехатарии муҳити атроф ва ҲФ | 3295,0 | 190,0 | 400,0 | 580,0 | 1270,0 | 855,0 |
| БЛОКИ идоракунӣ | 234 | 29 | 19 | 127 | 28 | 31 |
| Ҳамагӣ маблағи БР: | 158614,6 | 18989,4 | 40217,8 | 39038 | 34169 | 25751 |

*Чадвали 45. Арзиши БР аз рӯи сарчашмаҳои маблағгузорӣ*

| Сарчашма | Ҳамагӣ (ҳазор сомонӣ) | % аз буҷети умумӣ | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Буҷети маҳаллӣ | 17368 | | 1320 | 1320 | 1320 | 1320 | 1320 |
| Буҷети вилоятӣ | 7713 | | 1928,25 | 1928,25 | 1928,25 | 1928,25 | 1928,25 |
| Буҷети ҷумҳуриявӣ | 875 | | 200 | 200 | 200 | 200 | 200 |
| Инвеститсияи хориҷӣ | 34632 | | 3706 | 3707 | 3707 | 3707 | 3707 |
| Маблағи аҳолӣ ва соҳибкорон | 89646,6 | | 7966,15 | 29193,55 | 28012,75 | 23143,75 | 14725,75 |
| Лоиҳаҳое, ки сарчашмаи маблағ надоранд | 8380 | | 3869 | 3869 | 3870 | 3870 | 3870 |
| Ҳамагӣ: | 158614,6 | 100% | 18989,4 | 40217,8 | 39038 | 34169 | 25751 |

*Диаграммаи 11. Вазни қиёсии сарчашмаҳои маблағгузории БР*



Қариб 35% чорабиниҳои дар барнома ба нақша гирифташуда сарчашмаи маблағгузорӣ доранд (асосан аз ҳисоби буҷетҳои сатҳи гуногун, қарзгирии беруна, грантҳо ва маблағи аҳолӣ), ки имконияти бо муваффақият ба мақсадҳои гузошташуда расиданро дучанд менамояд.

Проблемаҳо соҳаи сафарбаркунии захираҳои молиявӣ. Дар самти сафарбаркунии захираҳои иловагӣ барои рӯйпуш кардани маблағгузории лоиҳаҳо ва амалҳое, ки сарчашмаи маблағ надоранд, набудани малака ва потенсиали кофии ММИҲД дар таҳияи лоиҳаҳои инвеститсионӣ (аз ҷумла проседураҳои пешниходи онҳо), ташкили фандрейзинг, набудани маҳсулоти кредитии дарозмуддат бо фоизҳои паст, воқифии паст оиди фаъолияти ташкилотҳои донорӣ ва самтҳои асосии стратегияи онҳо, муҳити инвеститсионии ноқулай ва сатҳи андозбандӣ, вуҷуд доштани иқтисодиёти соявӣ ва коррупсия дар сатҳи маҳал ба назар мерасанд.

# БОБИ 3. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ

Яке аз унсурҳои муҳими системаи идоракунии татбиқи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Б. Ғафуров низоми мониторинг ва арзёбӣ (минбаъд-НМваА) мебошад. НМваА имкон медиҳад, ки робитаи мутақобила ва муттаасил дар сиёсати қабулнамуда ва натиҷаҳои татбиқи амалии он таъмин карда шавад.

Гузаронидани МваА дар шакли шаффоф ва аниқ, системаи самаранок, бо ҷалби намояндагони халқ, мақомоти иҷроияи ҳамаи сатҳҳо, худидоракунии маҳал ва шарикони рушд принсипҳои асосии МваА мебошад.

Гурӯҳи МваА бо қарори Раиси ноҳия таъсис дода мешавад, ки аз мутахассисони соҳавӣ, кормандони маъмурият иборат аст. Гурӯҳ аз тарафи яке аз муовинони раиси ноҳия сардорӣ карда мешавад. Бо қарори мазкур масъул барои гузаронидани МваА- и Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии нохия, Шӯъбаи (раёсат, бахш) иқтисод дар шахси сардори он таъин карда мешавад. Омили муҳим дар он аст, ки ҳамаи ҳуҷҷатҳои лозима дастраси аъзоёни гурӯҳи МваА бояд бошанд.

Нақшаи солона дар оғози ҳар сол аз тарафи гурӯҳи МваА тартиб дода мешавад. Ин ҳуҷҷат амалиёт ва натиҷаҳои асосии бобҳои барномаро дарбар мегирад.

Гурӯҳи МваА мушоҳидаи ҷараёни корҳо ва таҳлили натиҷаҳои бадастомадаи барнома, ошкор намудани таҷрибаи мусбии андӯхта ва проблемаҳои мавҷуда дар татбиқи онро мегузоронад.

Натиҷаҳои МваА харсол дар ҳисоботи гурӯҳи МваА инъикос ёфта, нусхаи ҳисобот ба раиси ноҳия ва баъдан ба тамоми аҳолӣ тариқи гузаронидани шунавоиҳои ҷамъиятӣ паҳн мешавад.

Шӯъбаи омор таъминоти саривақтии нишондодҳои зарурӣ барои кори самаранокии МваА ба ӯҳда дорад. Моҳи январи ҳар сол нишондиҳандаҳои МваА дар ҳисоботи солонаи иҷроиши барномаи рушд инъикос меёбанд.

## РӮИХАТИ МАШВАРАТЧИЁНИ ТАҲИЯИ БРН

| | | |
|---|---|---|
| 1. | Ҳамидов С. | Сардори шӯъбаи рушди минтақаҳо, Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ; |
| 2. | Қурбонхоҷаев Ю. | Мушовири калон оид ба идоракунии маҳаллии БРСММ; |
| 3. | Олимов М. | Мутахассиси БРСММ оиди ҷалби захираҳо; |
| 4. | Мадаминов Р. | Мутахассиси БРСММ оид ҳамоҳангсозӣ; |
| 5. | Деҳқонов Ҷ. | Мутахассиси БРСММ оид ба банақшагирӣ; |
| 6. | Сатторова Л. | Мутахассиси БРСММ оид ба идоракунии маҳаллӣ; |
| 7. | Азизова С. | Мутахассиси БРСММ оид ба идоракунии маҳаллӣ; |
| 8. | Норов А. | н.и.и, мушовири миллӣ дар БРСММ; |
| 9. | Ҳакимов Х. | Мушовири миллӣ дар БРСММ; |
| 10. | Раҳмонов З. | Мушовири миллӣ дар БРСММ; |
| 11. | Абдуллоев М. | Мушовири миллӣ дар БРСММ. |

Ба чоп 21.12.2012 имзо шуд.
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 10. Ҳуруфи адабӣ.
Адади нашр 30.

Дар ЧДММ «Контраст» чоп шудааст
ш. Душанбе, к. Н. Муҳаммад, 26